Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

25 октябри соли 2023 Чоршанбе № 85 (14992)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ҚАРОРҲОИ ПЕШОМАДНОК ДАР АСОСИ МУЛОҚОТ БО ОДАМОНИ ОДӢ ҚАБУЛ КАРДА МЕШАВАНД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба мақсади шинос шудан бо ҷараёни рушди минтақаҳо ва ҳаёти аҳолӣ 24 октябр ба вилояти Қашқадарё рафт. Дар ҷараёни сафар роҳбари давлат бо фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои таълимиву тиббӣ шинос шуд, бо сокинони маҳаллаҳо суҳбат кард.

Ҳаллу фасли масъалаҳои рушди минтақаҳо бевосита дар маҳал, дар асоси мулоқот бо мардум, ба омӯхтани фикру ақидаи аҳолӣ махсусияти ҷудонопазири сиёсатест, ки роҳбари давлат татбиқ менамояд.

Ҳадафи асосии сафарҳо ба минтақаҳо ин баланд бардоштани сатҳи ҳаёти деҳотиён, саноатикунонии ноҳияҳо, зиёд кардани ҷойҳои корӣ, беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

Ин махсусиятҳо дар ҷараёни сафар ба вилояти Қашқадарё, ки аз шиносоӣ бо корхонаи бофандагии кластери «Sulton Tex Group» оғоз ёфт, ошкор гардиданд.

Корхона соли гузашта дар асоси лоиҳаи арзиши умумиаш 8 миллиону 200 ҳазор доллар сохта, ба истифода супурда шуда буд. Ба шарофати технология ва таҷҳизоти замонавӣ иқтидори истеҳсолие, ки соле 5 миллион адад маҳсулоти дӯзандагӣ ва бофандагӣ истеҳсол карда метавонад, ба кор сар кард.

Он чиз боиси зикр аст, ки кластер содиротро мувофиқи раванди «маҳсулоти нав – кишвари нав» ба роҳ монд. Алҳол молҳои босифат пурра ба кишвароҳое чун ИМА, Канада, Полша, Сингапур ва Русия содир карда мешаванд. Мувофиқан бинобар даромад ва самаранокии меҳнат нишондиҳандаҳои баланд ба даст меоянд. Дар тамоми силсилаи кластер – аз парвариши пахта то истеҳсоли маҳсулоти тайёр тақрибан 3 ҳазор нафар кор мекунанд.

Президент бо ҷараёни кори корхона шинос шуд. Муҳимияти чунин лоиҳаҳо барои иқтисодиёти минтақа ва шуғли аҳолӣ таъкид гардид. Ба шахсони масъул таъкид карда шуд, ки имкониятҳои соҳаро пурра истифода намебаранд.

– Фароҳам овардани шароити сазовори ҳаёт барои аҳолӣ, бахусус сокинони деҳот, бояд асоси ислоҳоти мо гарданд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Вилояти Қашқадарё дар кишвари мо аз ҳама бештар пахта меруёнад, вале ҳаҷми коркард ва ба маҳсулоти тайёр табдил додани ашё ба ин иқтидор мувофиқат намекунад. Агар тайёр кардан ва ранг молидани маҳсулот ба роҳ монда шавад, дар ноҳияҳо метавон барилова 60 ҳазор ҷавонон ва бонувонро бо кор таъмин кард.

Бо ин мақсад дар корхонаи «Sulton Styles» барномаи «20 ҳазор соҳибкор – 500 ҳазор мутахассиси соҳибтахассус» татбиқ мегардад. Мономаркази амалӣ ташкил карда, ба аҳолии бекор омӯзондани кори бофандагӣ ба роҳ монда шудааст. Ин ҷараёни дудавра аст: аввал ба занон истифодаи техника ва таҷҳизот, ҳамчунин қоидаҳои бехатарии корро дар корхона меомӯзонанд. Дар давраи баъдина онҳо ба мураббиён вобаста карда мешаванд ва донишу кори амалиро бевосита дар ҷойи кор аз худ менамоянд.

Дар ин ҷо ба роҳбари давлат лоиҳаҳои рушди сайёҳиро дар ноҳияҳои Шаҳрисабз, Китоб ва Қамашӣ муаррифӣ намуданд. Бинобар минбаъд инкишоф додани инфрасохтори деҳот, ба хатсайрҳои сайёҳӣ дохил кардани онҳо, вусъат додани манбаъҳои даромади сокинон супоришҳо дода шуданд.

Дар ҷараёни сафар роҳбари давлат бидуни нақша аз иттиҳодияи тиббии ноҳияи Қаршӣ боздид ба амал овард.

Муассиса солҳои 60-70-уми асри гузашта сохта шудааст. Беморхона барои 228 мизоҷ пешбинӣ гардида, поликлиника метавонад 250 нафарро қабул кунад. Ҳоли ҳозир вай ба 243 ҳазор сокинони ноҳия хидмат мерасонад. Вале шароити мавҷуда ба чунин фарогирӣ ва талаботи замон мувофиқат намекунад. Баъзе таҷҳизот ба бозсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Президент аз шуъба ва палатаҳои тиббӣ боздид ба амал овард, вазъияти воқеиро муоина намуда, бо мизоҷон ҳамсуҳбат шуд.

– Мақсади сафари имрӯзаи мо ин беҳтар намудани ҳаёти 3,5 миллион аҳолии Қашқадарё, тезондани рушди саноат, хоҷагии қишлоқ, соҳаҳои иҷтимоӣ мебошад. Аз қарибии беморхона гузашта, ман қарор додам, ки вазъиятро дар беморхона бидонам. Вазъиятро шахсан дидану бо одамони одӣ суҳбат карда, қарор қабул намудан мақсади асоситарини ман аст. Агар тиббиёт ва таълим дар сатҳи зарурӣ амал кунанд, мардум розӣ мешаванд. Мо дар бисёр ҷойҳо беморхонаҳоро беҳтар кардем, вале вазъият дар ноҳияи Қаршӣ ба ман маъқул нест. Бо дарназардошти он ки имрӯз мушоҳида кардам, қарор шуд, ки дар ин ҷо беморхонаи нав сохта шавад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Ба шахсони масъул супурда шуд, ки бинобар ҷой ва лоиҳаи маҷмӯи ояндаи тиббӣ таклиф пешниҳод намоянд. Онро бо замонавитарин таҷҳизот мучаҳҳаз кунанд ва бо дорувори бемузд таъмин созанд. Гурӯҳи духтурон ва ҳамшираҳое, ки дар иттиҳодияи тиббии ноҳия кор мекунанд, барои такмили ихтисос ба хориҷа фиристода мешаванд. Маҷмӯи нави тиббӣ ҳамчунин маркази таълимиву амалӣ барои кормандони беморхонаҳои дигари ноҳия хоҳад шуд.

Дар ҷараёни боздид масъалаҳои баланд бардоштани иқтидори кадрҳо ва сифати хидматрасонии тиббӣ, ба тартиб андохтани ҳудуди беморхона низ баррасӣ шуданд.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

БА ХОДИМОН ВА СОБИҚАДОРОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

Муҳтарам ходимони низоми корҳои дохилӣ!

Афсарон ва генералҳо, сержантҳо ва аскарони қаторӣ!

Собиқадорони азиз!

Шуморо бо ҷашни касбӣ – Рӯзи ходимони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз таҳти дил муборакбод менамоям.

Дар ин рӯзи хурсандӣ мехоҳам махсус қайд кунам, ки ба зиммаи шумо вазифаҳои фавқулода муҳим гузошта шудаанд, шумо онҳоро ба таври шоиста ичро мекунед.

Солҳои охир ислоҳоти васеъмиқёсе татбиқ мегарданд, ки ба бозсозии мақомоти корҳои дохилӣ, сохтори воқеан халқӣ, фароҳам овардани шароити бехатар барои ҳаёт ва меҳнати аҳолии тамоми шаҳрҳо ва деҳот нигаронида шудаанд. Алҳол барои ҳар як маҳалларо ба ҳудуди аз ҷиноят озод табдил додан, дар пояи амиқ омӯхтани вазъият ва мушкилот дар зинаи поёнтарин эътибори махсус дода мешавад.

Барои ин дар зиёда аз 350 маҳалла нуқтаҳои тартиботи ҳуқуқ ташкил карда шудаанд, дар ҳар кадоми тақрибан 9,5 ҳазор маҳалла фаъолияти инспекторони профилактика ба роҳ монда шудааст.

Дар идомаи ин кор аз соли равон низоми «ҳафтгонаи маҳалла» ташкил карда шуд. Минбаъд инспектори профилактика вазъиятро дар қисмати хоҷагиҳои манзилӣ меомӯзад ва узви фаъолтарини низоми мазкур мегардад. Дар навбати аввал вай шаҳрвандонеро муайян мекунад, ки ба содир кардани қонунвайронкунӣ ё худ аз қонунвайронкуниҳо зарардида мутаалликанд, бобати ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоӣ ва маишии онҳо чораҳо меандешад, имконияти «ҳафтгонаи маҳалла»-ро татбиқ менамояд.

Аз ҳама муҳимаш дар маҳалҳо, аз тариқи баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ бо болиғон ва ҷавонон, ҷалб кардани онҳо ба тарзи ҳаёти солим амалиёти пешгирии ибтидоии таҳдиди ҷамъиятии ахлоқро ба роҳ мемонад.

Дар шароити Ӯзбекистони Нав мо бояд кори оғознамудаи худро ба сатҳи нав бардорем, ба раванди неки **«Тамоми ислоҳот барои шараф ва шаъни инсон»** муттасил амал кунем. Дар ин бобат мо ба пойгоҳи мустаҳками ҳуқуқӣ дар соҳаи муборизаи бо ҷиноятқорӣ, ки дар давраи гузашта созмон дода шуд, такя хоҳем кард.

Дар соҳаи мақомоти корҳои дохилӣ технологияҳои рақамӣ, усулҳои замонавии кор, ки ба таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ такя мекунанд, низоми иттилоотиву маълумотдиҳие, ки дар пойгоҳи интеллекти сунъӣ амал менамоянд, васеъ ҷорӣ карда мешаванд. Дар самти мазкур таҷрибаи онлайн – мушоҳида барои омӯхтани вазъият дар маҳалҳои ҷамъиятӣ, қабули масофавии муроҷиати шаҳрвандон, ба қайд гирифтани қонунвайронкунӣ бидуни омили инсонӣ аҳамияти муҳим касб менамояд.

Дӯстони азиз!

Мо ҳама хуб медонем, ки дар низоми корҳои дохилӣ чун дар соҳаҳои дигар тақдири ислоҳотро, пеш аз ҳама, кадрҳои баландихтисоси дорои афкори замонавӣ, ки ба касб, Ватан ва халқи худ содиқанд, муайян мекунанд. Алҳол, ҳангоме ки кишвари мо ба давраи ҳалкунандаи пешрафти худ ворид мегардад, ҳар кадом ходим бояд нисбати худ кор кунад, то ки соҳиби донишҳои кофӣ бошад, маданияти муомила ва ахлоқро баланд бардорад, дар ҳама гуна вазъияти мураккаб қарори дуруст қабул кунад, ӯҳдадориҳои ба зиммааш гузоштаро софдилона адо намояд. Мо набояд фаромӯш кунем, ки ҳаёти халқ барои ҳамаи мо мактаби бузург аст. Аз он сабақ гирифтан, обутоб ёфтан, ҳифз намудани манфиатҳои мамлакат бахти олист.

Маҳз ин қоида ва равандҳо дар Кодекси маданияти касбӣ ва интизоми хидматии ходимони мақомоти корҳои дохилӣ чун маҳаки асосии фаъолияти онҳо, ки соли равон қабул гардид, сабт ёфтаанд. Муҳтаҳидам, корманди мақомоти корҳои дохилӣ, ки ӯҳдадориҳои худро софдилона адо менамояд, бидуни шубҳа, дар байни халқи мо соҳиби обрӯйи сазовор мегардад.

Тавре ки маълум аст, солҳои охир низоми самарабахши тайёркунии кадрҳои касбӣ барои мақомоти корҳои дохилӣ ташкил гардид. Аз ҷумла, амалиёти аз синну соли ибтидоӣ тайёр кардани ходимони ояндаи ҳуқуқшиносони баландихтисос ва тарбияи онҳо дар рӯҳи ватандӯстӣ ба роҳ монда шуд. Тартибе муайян гардид, ки мувофиқи он ҳар кадом ходим барои гирифтани рутбаи навбатӣ бояд ихтисоси касбии худро баланд бардорад, барои ба вазифаҳои роҳбарӣ таъин гардидан дар магистратураи Академияи Вазорати корҳои дохилӣ таълим гирад. Амалиёти мазкур аллакай самарабахшии худро нишон дод.

Муҳтарам намояндагони соҳа!

Мо кори такмил додани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, таъмин сохтани оромии аҳолиро мустақимона идома хоҳем дод.

Аз ҷумла, 80 фоизи хидматҳои давлатӣ, ки мақомоти корҳои дохилӣ мерасонанд, ба шакли электронӣ гузаронида мешаванд, ин имкон медиҳад дар низом санадҳои бюрократӣ ва коғазбозии изофавӣ аз байн бардошта шаванд. Бобати ба роҳ мондани таҷрибаи омӯхтани афкори ҷамъиятӣ дар ҳар кадом соҳаи фаъолият ва мониторинги ҷамъиятӣ бинобар раванди «маҳалла – ноҳия – вилоят – ҷумҳурӣ» бояд чораҳо андешида шаванд.

Умуман, натиҷаҳои амалии ислоҳотро дар низоми корҳои дохилӣ бояд ҳар кадом ходими соҳа ва пеш аз ҳама, халқи мо дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ эҳсос кунад.

Аз фурсат истифода бурда, ба ҳамаи шумо бинобар хидмати фидокоронаатон бо дарки амиқи вазифаи худ миннатдории самимӣ изҳор менамоям. Сазоворона қадр кардани меҳнати душвор ва пуршарафи шумо минбаъд низ дар маркази эътибори давлат ва ҷамъияти мо қарор хоҳад дошт.

Мо хотираи ходимони фидокор ва ҷасурро, ки ҳаёти худро барои сулҳу салоҳ ва оромии мамлакат аз даст додаанд, гиромӣ медорем, ба оила ва фарзандони онҳо орзуҳои беҳтарин изҳор менамоем.

Бори дигар ҳамаи шуморо бо ин ҷашни хотирмон муборакбод намуда, ба шумо саломатии мустаҳкам, бахту саодат ва дар кори масъулатон комёбиҳои бузург орзу мекунам.

Шавкат МИРЗИЁЕВ,
Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Сафарнома

ДИГАР МЕҲМОН НЕСТЕМ...

Таассурот ва ҳайратҳо аз кишвари кӯҳсор ва дарёбори Тоҷикистони ҳамсоя

ҲИММАТИ САФИР!

Ба Тоҷикистон се бор сафар кардаам.

... Баҳори соли 1997. Он замон номи ноҳия Гончӣ буд, ҳоло Деваштич шудааст. Чанд рӯз бо дӯстони худ панҷ-шаш деҳаи он қаламравро давр гаштем, зиёрат кардем, бо одамон ҳамсуҳбат шудем. Он вақт дар байни халқҳои ӯзбеку тоҷик, ки тӯли асрҳо аҳлу тифоқ зисту зиндагӣ кардаанд, садҳои оҳанин набуданд. Бо вуҷуди он ки расман сарҳадҳо муайян шуда, дар ситодҳои убуру бозгашт сарбозон меистоданд, омаду рафт хеле осону озод буд. Моро мизбонон бо муомилаи хуш истиқбол намуда, роҳи сафед мехостанд, ки баъдтар он ба армон табдил ёфт, ки ҳама шоҳид мебошем. Ҳоло он рӯзҳо ба афсона бадал гардидаанд...

... Моҳи октябри соли 2022-юм ин бор дар сафи як гурӯҳ қаламкашони ӯзбекистонӣ ба Душанбе роҳ пеш гирифтем. Аввало ҷойҳои зебо ва муҳташами шаҳри бостонии Хуҷандро тамошо кардем. Аз дигаргунӣ ва бунёдкориҳои бузурге, ки дар кишвари ҳамсоя тӯли даҳсолаҳои охир ба вуқӯъ пайвастанд, шод гардидем. Сипас бо як ҷаҳон ҳайрат аз нақбҳои Шаҳристону Анзоб гузашта, ба пойтахт – шаҳри Душанбе расидем. Дар бораи боздиду суҳбатҳое, ки се-чаҳор рӯз идома доштанд, дар расонаҳои ахбори оммавӣ ва шабакаҳои иҷтимоии Ӯзбекистон тақрибан ҳар рӯз гузориш, хабару мақолаҳо мунтазам интишор гардиданд.

Барои ба роҳ мондан ва созмон додани чунин саёҳатҳои хотирмон, ки ба шарҳу эзоҳ ҳоҷат надоранд, ба собиқ раиси Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон, эҷодкори шинохта Олимҷон Ӯсаров ва раиси Иттиҳоди рӯзноманигорони Тоҷикистон, инсони фидокор Зинатуллоҳ Исмоилзода зиёда таҳсину офаринҳо хондем.

Муҳим он аст, ки танҳо баъди соли 2016-ум дар байни халқҳои анису бародар шахсан бо ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рафтуои тарафайн, робитаҳои ҳамкорӣ ба воқеияти таъриҳӣ табдил ёфтанд, ки аз ҳеч кас пӯшида нест. Туфайли ин ташаббусҳо об шудани яхҳои чандинсола, боз гардидани дарвозаҳои оҳа-нии ғайричашмдошт басташуда, ба дидори якдигар расидани хешону қарибон, хушҳолии чигаргӯшаҳоро наметавон бо сухан ифода кард.

... Моҳи октябри соли 2023. Бобати ташкили сафари эҷодии индафъаина, пеш аз ҳама адабиётшинос, доктори илмҳои филологӣ Олимҷон Давлат ва узви Шӯрои бадеии шабакаи ғайридавлатии телевизиони «Севимли»-и Ӯзбекистон, соҳиби ордени «Дӯстлик», журналист Шоҳаҳҳор Салимов ташаббус зоҳир карданд. Ман солҳои зиёд орзу доштам кӯли Сарез ва Неругоҳи барқи обии Роғунро, ки дар тамоми ҷаҳон боиси гуфтугузорҳои гуногун шудаанд, бо чашми худ бубинам.

Дар як суҳбат ин хости худро ба дӯстони ҳамкасб, ки номҳояшон дар боло зикр гардид, изҳор доштам. Онҳо гуфтанд, ки бинобар ин масъала бо сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон, академик Абдуҷаббор Раҳмонзода маслиҳат хоҳанд кард. Аз байн фурсати зиёде нагузашта, ба ҷаноби сафир аз номи таҳririят мактуб фиристодем. Дар мактуб зикр гардида буд, ки солҳои охир туфайли саъю ҳаракат ва ташаббусҳои роҳбарони ҳар ду давлат робитаҳои дӯстии абадӣ ва ҳампаймонии байни халқҳои ӯзбеку тоҷик, алоқаҳои бисёрҷанбаи ҳамкории кишварҳо мустаҳкам мешаванд, ки ин мо – журналистонро низ бағоят мамнун месозад.

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

Тавре ки қаблан хабар дода будем, аз 16 то 20 октябри соли равон дар шаҳри Самарқанди бостонӣ Маҷмааи кулли Созмони ҷаҳонии сайёҳии СММ иҷлосияи 25-уми худро баргузор намуд. Дар он аз 140 кишвари дунё намояндагон ширкат карданд. Дар ин замина мухбирамон бо раиси Кумитаи туризми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Камолиддин МӮҲМИНЗОД ҳамсуҳбат шуд, ки муҳтавои он тақдими муштариёни рӯзнома мегардад.

«ЎЗБЕКИСТОН БАРОИ БАРГУЗОРИИ ЧУНИН ЧОРАБИНИИ БУЗУРГ ҲИДДАН ОМОДА ШУДААСТ»

– Мехостам назари худро дар робита ба ҳусни ташкили иҷлосияи 25-уми Созмони ҷаҳонии туризми СММ дар Самарқанд иброз медоштед.

– Қобили эътироф аст, ки ҷониби Ўзбекистон ин иҷлосияи ҷашнии Созмони ҷаҳонии сайёҳиро хеле дар сатҳи олӣ ташкил намуд. Мебинем, ки дар канори шаҳри бостонии Самарқанд боз як шаҳраки наве бунёд ёфтааст, ки дар он тамоми шароити хубу созгор фароҳам оварда шудааст. Аз рӯзи қабули меҳмонон ва пазироии гарму ҷӯшон то рӯзи охир ин фазои хубу гуворо моро иҳота менамуд. Барои чунин меҳмоннавозӣ ба мақомоти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва ҳамаи дастандаркорони ин кори пуршараф самимона ибрози сипосгузорӣ мекунам.

– Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он бо кадом дастовезу дастовардҳои худ ширкат намуд?

– Бо ифтихор қайд мекунам, ки иқтидори кишвари мо дар бобати рушди сайёҳӣ сол аз сол рӯ ба рушду нумӯъ овардааст. Бо кумак ва мусоидати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон барои пазироии сайёҳони маҳалливу хоричӣ шароити хуб фароҳам меоварем.

– Он дар кадом самтҳои сайёҳӣ бештар мушоҳида мешавад?

– Сайёҳии кӯҳнавардӣ яке аз рукнҳои асосӣ дар соҳаи сайёҳии Тоҷикистон ба шумор меравад ва ин бесабаб нест. Зеро 93 дарсади қаламрави онро кӯҳҳои осмонбӯс ва дараҳои хушбоду ҳаво ташкил мекунанд. Гузашта аз ин, 22 дарсади қаламрави он аз минтақаҳои махсуси ҳифзшаванда иборатанд, ки барои рушди сайёҳии экологӣ низ хеле мувофиқанд. Ҷиҳати рушди сайёҳии солимгардонӣ дар Тоҷикистон низ имкониятҳои хеле фаровон мавҷуданд. 200 чашмаи обашон мусаффову зулол ва дорои моддаҳои минералӣ ва терминаликӣ, ҳудуди се ҳазор ёдгории таърихӣ ва фарҳанӣ метавонад мавриди таваҷҷуҳи сайёҳони зиёд қарор гиранд.

– Дар бораи иштироки ширкатҳои сайёҳӣ дар намоишгоҳи махсус чиҳо метавон гуфт?

– Ин намоишгоҳ, ки дар чаҳорчӯби иҷлосияи 25-уми Маҷмааи кулли Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ дар Экспомаркази Самарқанд баргузор гардид, барои ширкатҳои сайёҳии Тоҷикистон имкониятҳои зиёдеро фаровон овард. Дар ин ҷо барои Тоҷикистон 49 метри мураббаъ ҷой ҷудо карда шуд. Ҳар як соҳа бидуни ҷалби сармояҳои мустақими хоричӣ наметавонад рушд кунад. Дар ин марказ намояндагони ширкатҳои давлативу хусусии Тоҷикистон зиёда аз бист лоиҳаи сармоягузориро ба доираҳои сармоягузории потенсиалии хоричӣ пешниҳод карданд. Ҷои шубҳа нест, ки ин лоиҳаҳо дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони хоричӣ таҳти татбиқ қарор хоҳанд гирифт.

– Пӯшида нест, ки дар Ҷумҳурии Ўзбекистон барои тайёр кардани кадрҳои соҳаи сайёҳӣ донишгоҳи махсуси байналмилалӣ таъсис ёфтааст. Дар Тоҷикистон барои тайёр кардани кадрҳо чи иқдомот сурат гирифтаанд?

– Мардуми тоҷик аз қадимулайём ба ҳайси мардуми меҳмоннавозу саховатманд ном баровардааст. Тайёр кардани кадрҳои бомаҳорату босалоҳият дар Тоҷикистон аз вазифаҳои вазифаҳо дар соҳаи сайёҳиро ташкил мекунад. Мо Стратегияи рушди сайёҳӣ то соли 2030-ро қабул кардаем. Яке аз ҳадафҳои асосии ин ҳуҷҷати муҳим тайёр кардани кадрҳо ба ҳисоб меравад. Аввал дар базаи яке аз донишкадаҳо бахши сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хидматрасонӣ ташкил карда шуд. Баъд он бевосита ба донишкадаи алоҳида табдил ёфт. Инчунин дар ҳудуди 17 ё 18 донишгоҳу донишкадаҳои мамлакат тайёркунии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин соҳаро бо кадрҳои малаканок таъмин хоҳад кард.

– Оё дар Донишгоҳи байналмилалии «Туризм ва мероси фарҳангии роҳи абрешим»-и Самарқанд низ ҷавонони тоҷикистонӣ таҳсил мекунанд?

– Ман бо истифода аз фурсати муносиб ба мақомоти ин кишвари дӯсту бародар ибрози сипос мекунем, зеро барои дар риштаи магистри ин донишгоҳ таҳсил кардани ҷавонони мо 5 квота ҷудо шудааст.

– Дар ҷараёни иҷлосияи 25-уми Маҷмааи кулли СҲС чандин имкониятҳо фароҳам оварда шуд, ки ҳар як кишвар аз роҳҳои гуногун иқтидори худро муаррифӣ кунад.

– Дуруст қайд кардед. Дар хошияи ин ҳамоиши бонуфузи байналмилалӣ мо бо баргузор намудани як семинари хоси омӯзишӣ чанд лоиҳаро таҳти баррасӣ қарор додем. Ин семинар дар ҳамкорӣ бо Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ сурат гирифт. Тавонистем ба ин васила имкониятҳои сайёҳии мамлакати худро дар бахши фарҳанг, таърих, мерос, ғизо ва амсоли он баррасӣ намоем ва иқтидори кишварамонро барои намояндагони 140 кишвари дунё намоиш диҳем.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ҚАРОРҲОИ ПЕШОМАДНОК ДАР АСОСИ МУЛОҚОТ БО ОДАМОНИ ОДӢ ҚАБУЛ КАРДА МЕШАВАНД

⇦ (Аввалаш дар саҳ.1).

Президент Шавкат Мирзиёев бозdиди иншоотеро, ки дар барномаи сафар пешбинӣ нашудаанд, идома дод. Ташриф ба мактаби рақами 12-уми маркази ноҳияи Қаршӣ – шаҳри Бешкент низ ғайринақшавӣ буд.

Алҳол дар ин ҷо 1,4 ҳазор писарону духтарон таълим мегиранд. Ба онҳо зиёда аз сад омӯзгор дарс медиҳанд. Соли гузашта мактаб аз таъмири асосӣ баромад. Дар он омӯзондани як касб ва ду забони хоричӣ ба роҳ монда шуд. Дар мактаб маҳфилҳои саводи компутерӣ, дӯзандагӣ, сохтмон ва ғайра амал мекунанд.

Роҳбари давлат ба синфхона ворид шуда, бо омӯзгорон ва толибилмон ҳамсуҳбат шуд, ба шароити мактаб, сифати китобҳои дарсӣ мароқ зоҳир намуд.

Алҳол дар тамоми мамлакат тайёрӣ ба мавсими зимистон ва чорабинӣ оид ба нишондани ниҳолҳо фаъолона идома дорад. Президент дар мисоли мактаби мазкур бо ҷараёни ин кор шинос гардид. Ба шахсони масъул вобаста ба таъминоти гармии иншооти соҳаи иҷтимоӣ, истифодаи технологияҳои сарфакунандаи энергия супоришҳо дода шуданд. Зарурияти нав кардани меъёрҳои сохтмони мактабҳо бо дарназардошти тамоми маҳакҳои вобаста ба иловаи инфрасохтор, амал ва сарфаи энергия қайд карда шуд.

Ба масъалаҳои кабудизоркунии ҳудуди атрофи мактаб дар доираи лоиҳаи «Мавзеи сарсабз» эътибори махсус дода шуд.

– Мактаб ин манбаи фарҳанг ҳам ҳаст. Омӯзгорон шахсоне мебошанд, ки ба дигарон бояд намуна шаванд. Агар атрофи мактаб обод ва гулҳои мавсимӣ нишонда шуда бошанд, ин барои ҷавонон ҳам тарбия, ҳам таконе баҳри пешрафт мегардад, – гуфт роҳбари давлат.

Президент Шавкат Мирзиёев дар рафти сафар ба минтақа аз маҳаллаи Ойдини шаҳри Қаршӣ боздид ба амал оварда, бо шароити ҳаёти аҳолӣ, корҳои ободонии ҳудуд ва тайёрӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон шинос гардид.

Дар ин ҷо тақрибан 11 ҳазор нафар зисту зиндагӣ доранд, ду муассисаи томактабӣ, як мактаби таълими ҳамагонӣ амал мекунанд. Соли равон боз се хонаи бисёрҳуҷра ба истифода супурда шуд.

Дар маҳалла соҳаҳои хидматрасонӣ, истеҳсоли матоъ ва ҳунармандӣ хуб инкишоф ёфтааст. Аз ҷумла, анқариб бист корхонаи савдо, нуқтаҳои хӯроки умумӣ ва субъектҳои дигари соҳибкорӣ амал мекунанд. Дар онҳо сокинони маҳаллӣ, аз ҷумла ҷавонон машғуланд.

Соли равон дар маҳалла дусад нафар бекор бо кори доимӣ ва мавсимӣ таъмин гардиданд. Тақрибан ҳамин қадар шаҳрвандон аз тариқи мономарказҳои «Ишга марҳамат» ва дигар муассисаҳои ғайридавлатии таълимӣ омӯзонида шуданд. 191 нафари онҳо ба сифати шахси дорои кор ба қайд гирифта шудаанд.

Намояндагони маҳалла ба Президент дар бораи тағйироти ҳаёти мардум ҳикоя карданд. Пештар ба хонаҳои бисёрҳуҷра чаҳор ҷамоати ғайрисамарабахш хидмат мекарданд, дар соҳаи коммуналӣ мушкилоти зиёде ҷой доштанд. Баъди ташкил намудани ширкати хидматрасонии «Ойдин» сифати кор беҳтар шуд.

Пеш аз мавсими тирамоҳу зимистон бобати тайёр кардани хонаҳои бисёрошёна чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Чунончи, болопӯши даҳ хона таъмир гардид, корҳои пӯшиши низомии гармкунӣ иҷро шуданд.

Ҳудуди маҳалла кабудизор гардида, дар доираи лоиҳаи «Мавзеи сарсабз» беш аз шаш ҳазор ниҳолҳои дарахтони мевадор ва манзаравӣ нишонда шуданд. Роҳҳо асфалтпӯш гардида, чароғҳо устувор карда, ду километр пайроҳаи пиёдагард гузошта шуд.

Роҳбарияти шаҳри Қаршӣ, «ҳафтгона»-и маҳалла дар бораи корҳои анҷомёфта маълумот доданд.

Тавре ки маълум аст, тамоми чорабиниҳои иҷтимоӣ дар кишвари мо дар маҳаллаҳо бо ҷалби фаъоли сокинон ташкил карда мешаванд. Ин низом зина ба зина инкишоф меёбад, ба намояндагони он ваколат ва имкониятҳо торафт бештар пешниҳод карда мешаванд. Дар низом, ки аз раиси маҳалла, ёвари ҳоким, фаъоли занон, пешоҳанги ҷавонон ва инспектори оид ба профилактика иборат мебошад, ходими мақомоти андоз ва корманди хидмати иҷтимоӣ илова мегардад, ки якҷо «ҳафтгона»-и маҳалларо ташкил менамояд. Аз ибтидои соли оянда низоми буҷаи маҳалла пурра ба кор медарояд. Дар ихтиёри ҳар як маҳалла то 100 миллион сӯм маблағ хоҳад буд. Ҳамчунин се платформаи мавҷуда – «Онлайн – маҳалла», «Бонувон», «Сомонаи ҷавонон» бо якдигар ҳамҷиҳат ва муттаҳид мегарданд.

Президент зарурияти самарабахш истифода бурдани ин ваколатҳои васеъ ва маблағҳоро бахри ҳаллу фасли мушкилоти рӯзмарраи маҳаллаҳо таъкид кард. Муҳимияти ҷалби одамон ба соҳибкорӣ, касбомӯзонӣ ва баланд бардоштани даромади занон, ба роҳ мондани чорабиниҳои фарҳангӣ ва озмунҳо барои ҷавонон қайд карда шуд.

Шавкат Мирзиёев меҳмони сокини маҳалла Дилшод Набиев гардид. Роҳбари хонавода бо соҳибкорӣ машғул аст. Якҷо бо ҳамсараш Хурриятхон ду фарзандро тарбия мекунад. Онҳо дар бораи натиҷаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва шароити барои кӯдакон фароҳамовардашуда, ки дар кишвари мо эътибор дода мешавад, ҳарф заданд.

Президент ҳамчунин маркази нави маҳалла, нуқтаҳои хидматрасониро муоина кард. Бо куҳансолон ҳамсуҳбат гардид.

Дар шаҳри Қаршӣ сохтмони бахши минтақавии Маркази махсуси илмиву амалии тиббии ҷумҳуриявии саломатии модару кӯдак анҷом меёбад. Дар ҷараёни сафари худ Президент ба ин муассиса ташриф овард.

Мувофиқи қарори роҳбари давлат «Дар бораи чорабиниҳо бобати ҳифзи саломатии модару кӯдак, таҳкими саломатии репродуктивии аҳолӣ» аз 8 сентябри соли равон дар пойгоҳи Маркази махсуси илмиву амалии тиббии акушериву гинекологии ҷумҳурӣ, маркази ҷумҳуриявии саломатии репродуктивии аҳолӣ ва маркази ҷумҳуриявии скрининги модару кӯдак аз тариқи муттаҳид сохтани онҳо Маркази махсуси илмиву амалии тиббии саломатии модару кӯдаки ҷумҳуриявӣ ташкил карда мешавад. Мувофиқи қарор ҳамчунин кушоиши боз 14 бахши минтақавии маркази нав пешбинӣ гардидааст.

Бахши вилояти қашқадарёӣ аз ҷумлаи аввалин марказҳои соҳавии республика гардид, ки ба тамоми талабот ҷавобгӯ мебошад.

Дар ҳудуди маҷмӯъ, ки тақрибан чаҳор гектарро ишғол менамояд, бинои замонавӣ бунёд карда шуд. Тамоми шуъбаҳо бо таҷҳизоти навтарини техникаи тиббӣ муҷаҳҳаз шуданд. Бинобар миқёс ва сатҳи таҷҳизот марказро метавон дар байни муассисаҳои дигари тиббии вилоят пешоҳанг номид.

Дар ин ҷо маркази перинаталии вилоятии дорои 200 кат, таваллудхонаи шаҳрӣ барои 200 кат, скрининг-марказ барои қабули 50 нафар ва маркази репродуктивӣ барои қабули 50 кас ҷойгир шудааанд. Барои кумаки махсуси тиббӣ расондан ба занони синни таваллуд, ҳомила ва навзод дар як маҷмӯъ имконият фароҳам оварда шудааст. Пас аз кушода шудани марказ дар ин ҷо ним ҳазор ходимони тиббӣ метавонанд фаъолият дошта бошанд.

Роҳбари давлат бо шароит ва имкониятҳои марказ ошно гардид, бинобар баланд бардоштани ихтисоси духтурон дар ҳамкорӣ бо Олмон, Белорус ва кишварҳои дигар, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадами ташхису табобат фармоишҳо дод. Дар оянда марказ метавонад зиёда аз 8 ҳазор занонро бо ҷараёни паталогии ҳомила қабул намояд, ин имкон медиҳад, ки ҳаёти бисёр навзодон ҳифз гардад.

Марказ ҳамчунин 42 намуди тартиботи каминвазивӣ ва лапароскопиро татбиқ мекунад, аз ҷумла тубэктомия, систэктомия, миомэктомия ва вентрофиксатсияро. Ҳидматҳои кумак ба духтарони наврас, ҳифзи саломатии репродуктивии занон, тайёрӣ ба модаршуди саломат, ҷараёни ҳомила, скрининг, қабули таваллуд ва нозорати баъди таваллуди модарону кӯдакон дар як ҷо муттаҳид карда мешаванд.

Марказ ҳамкории мунтазамро бо зиёда аз 860 акушер дар маҳал ба роҳ мемонад. Занони ҳомила ва занони синни таваллуд дар тамоми ноҳияҳои вилоят ба пойгоҳи ягонаи маълумоти электронӣ фаро гирифта мешаванд. Робита бо кабинетҳои машваратии занон дар ҳабдаҳ поликлиникаи марказӣ ва ҳаждаҳ маҷмӯи таваллудхонаҳои вилоят ба роҳ монда хоҳанд шуд.

Ҳангоми ошкор шудани омили хатар нисбати занон марказ онҳоро ба табобат мефиристад ва дар зарурат ба муассисаҳои тиббии сатҳи ҷумҳуриявӣ интиқол мекунад. Марказ ҳамчунин дорои воситаҳо барои гузаронидани тадқиқоти моликулярии генетикии навхонадорон, синну соли ҳомила ва таваллуд, ҳамчунин навзодон мебошад. Навзодоне, ки дар онҳо бемориҳои сироятӣ ошкор мешаванд, бо дорувор ва хӯроквории махсус таъмин карда хоҳанд шуд.

Алҳол дар тамоми мамлакат корҳои тайёрӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон идома доранд. Шабакаҳои коммуналӣ таъмир мегарданд, корхонаҳои таъминоти гармӣ бозсозӣ мешаванд.

Дар ҷараёни сафараш ба Қашқадарё Президент Шавкат Мирзиёев ба дегхонаи нави марказии корхонаи давлатии унитарии «Иссиқлик манбаи»-и шаҳри Қаршӣ рафт.

Ин маҷмӯъ иқтидори коркарди 12 Гкал гармӣ дорад, дар ин ҷо се дегхонаи иқтидори ҳар кадомаш 14 МВт, ки аз Туркия оварда шудааанд, устувор гардидааанд. Аз ин ҳисоб имконияти соле сарфа намудани 1,7 миллион метри мукааб гази табиӣ фароҳам меояд.

Дар ҷараёни сохтмони дегхона ба он нақли ғулбаи шашкилометра васл карда шуд, гармибадалкунакҳо ба низоми махсус оварда, аз гумшавӣ ҳифз карда шуданд. Ба истифода супурдани маҷмӯи мазкур зиёда аз ним ҳазор ҳуҷраро дар 38 хонаи бисёрошёна ва се иншооти иҷтимоиро бо оби гарм ва гармӣ таъмин менамояд.

Роҳбари давлат ба шахсони масъул супориш дод, ки тайёриро ба зимистон босифат гузаронанд, таъминоти энергетикӣ ва гармиро ба эътидол ованд, маданияти истифодаи эҳтиёткоронаро баланд бардоранд.

Шавкат Мирзиёев ҳамчунин аз маҳаллаи Наво, ки дегхона дар он ҷо ҷойгир шудааст, боздид ба амал овард.

Сафари Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба вилояти Қашқадарё идома дорад.

Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,
Икром АВВАЛБОЕВ,
Ўлмас БАРОТОВ,
хабарнигорони ЎзА.

ҲАФТАИ XII-И АХБОРИ МИЛЛӢ-КИТОБХОНАВӢ ОҒОЗ ЁФТ

Дар Китобхонаи миллии Ўзбекистон ба номи Алишери Навоӣ Ҳафтаи XII-и ахбори миллӣ-китобхонавии «Инфолиб Ўзбекистон – 2023» ташкил карда шуд.

Ҳафта дар марказҳои иттилоотии китобхонавии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд низ гузаронида мешавад.

Мақсад аз баргузор кардани «Инфолиб Ўзбекистон – 2023» рушди минбаъдаи соҳаи ахбору китобхонавӣ, то ба аҳолӣ расондани манбаъҳо, шакл ва усулҳои гирифтани маълумот, пешниҳоди хидматҳо ба истифодабарандагон, тарғибу ташвиқи мутолиаи китоб, пурзӯр кардани рағбати ҷавонон ба китобхонаҳо аз тариқи чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани донишҳои зеҳнӣ нигаронида шудааанд, ба шумор меравад.

Бобати ҷорӣ намудани панҷ ташаббуси муҳим, ки ба таъмин сохтани таълим ва тарбияи босифати ҷавонон, дастгирии ҳамаҷонибаи рағбати онҳо ба фарҳанг, санъат, технологияҳои иттилоотӣ, хондани китобҳо нигаронида шудааанд, корҳои самарабахш амалӣ мешаванд. Дар доираи Ҳафта таҳти шиори «Китобдори ҷавон: ғайратманд, ҷӯё, соҳибистеъдод» анҷумани «Китобдорони Ўзбекистони Нав – нирӯйи нав, имкониятҳои нав, қуллаҳои нав» баргузор мегардад.

Бо дарназардошти шавқу ҳавас ва пешниҳоди иштирокдорони анҷуманҳои пешина дар доираи чорабинии кунунӣ гузаронидани суҳбатҳо бахшида ба омӯхтани таҷрибаи китобхонаҳои кишварҳои ҳамсоя, технологияҳои нави иттилоотии соҳаи китобхона, асрори комёбиҳо, мулоқоти китобдорони ҷавон бо мутахассисон дар мавзӯи рушди касб, ҳамчунин машварат-тренингҳо, мулоқоти маънавӣ, сабақҳои устодӣ доир ба суратҳо пешбинӣ шудааанд.

Бо иштироки нашриётҳо намоиш ва бозорҳои китоб, тадбирҳо бинобар таҳкими донишҳои маънавиву маданӣ, саволу ҷавобҳо, вохӯриҳои эҷодӣ бо арбобони илму фарҳанг, намоишҳои театрикунонидашуда ташкил карда мешаванд.

Дар барномаи Ҳафта баргузор намудани конфронси илмии «Хониши бетгеровӣ – 2023. Китобхонаҳои Ўзбекистони Нав – манбаи дониш ва пешрафт», тренинги амалӣ барои китобдорони ҷавон «Истифодаи усулҳои замонавӣ дар тарғибу ташвиқи китобхонаҳо», рӯнамоии китоби «Мероси илмиву фалсафии Берунӣ аз назари олимони Ғарб», ки аз ҷониби нашриёти «Маънавият» чоп шудааст, мулоқоти эҷодӣ бо ноширон, вохӯрии ошкорои ҷавонон бо роҳбарони Китобхонаи миллии Ўзбекистон дар мавзӯи «Китобхонаи давраи Эхё – китобхонаи насли нав: минбари андешаҳои ман», суҳбат бо офарандагони филми «Абдулло Орипов» пешбинӣ шудааанд.

Ҳар як рӯзи Ҳафта унвони худро дорад, чунончи, «Рӯзи мулоқот», «Рӯзи маҳорати касбӣ», «Рӯзи илм», «Рӯзи китобдӯст», «Рӯзи ҳамоҳангии таърих ва санъат» ва аз чорабиниҳои гуногунранг ғанӣ мебошад.

Назокат УСМОНОВА,
хабарнигори ЎзА.

Мо бояд аз хурдсолӣ фарзандонамонро ба китобхонӣ одат кунонем. Зеро «қулфкушои ҳама дарҳо — китоб» дар онҳо ахлоқи ҳамидаро ташаккул медиҳад. Инак, мо чанде аз андешаҳои Зиёвуддин Раҳимро доир ба аҳамияти китобхонӣ, ки дар китоби ӯ «Ба сӯйи зиндагии босаодат» омадааст, пешкаши муштариён месозем.

БО КИТОБ БА СУЙИ ЗИНДАГИИ БОСАОДАТ

Мутолиаи китоб ба рӯйи инсон дари бахту саодатро мекушояд. Бар асари маҷаллаву рӯзномахонӣ ҷаҳонбинии инсон васеъ мегардад. Олимон натиҷа гирифтаанд, ки:

— Китобхонӣ инсонро аз рӯҳафтодагӣ раҳо месозад.

Равоншиносон низ ҷиҳати бартарафсозии рӯҳафтодагӣ китобхониро тавсия медиҳанд. Пас аз шаш дақиқаи мутолиа асабҳои инсон осуда гардида, кайфияташ аъло мешавад.

— Мутолиа ба халосӣ хурдан аз бедорхобӣ кумак мерасонад.

Он яке аз усулҳои озмудаи хотириҷамъӣ мебошад. Равшании телевизор ё телефони дастӣ ба фаъолияти мағзи сар таъсири манфӣ расонда, онро намегузорад, ки дам гирад. Китоб бошад, китобхонро хотирҷамъ намуда, сифати хобро беҳтар мегардонад.

— Аз китобхонӣ қалби инсон нарм мегардад.

Дар рафти мутолиа китобхон ба дарду ғами қаҳрамони китоб шарик гардида, атрофиёнро бештар эҳсос менамояд.

— Аз мутолиаи китоб фаъолияти мағзи сар беҳтар мегардад.

Олимон натиҷа гирифтаанд, ки иқтидори зеҳнии шахси китобхон баланд мешавад ва мутолиа ба миқдори нахҳои асаби мағзи сар меафзояд.

— Китобхонӣ давои беҳтарини афсурдаҳолист. Азбаски дар рафти мутолиа фикрҳои манфӣ ва васваса аз майнаи сари ингуна беморон дур мегардад, ҳолати рӯҳии онҳоро низ рӯ ба беҳбудӣ меорад.

— Мутолиа ҳисси зебоипарастии инсонро бедор мекунад.

Мутолиа ба зоҳири инсон низ таъсир мегузорад. Азбаски суҳбати китобхон шавқовар аст, атрофиён ба назди ӯ мешитобанд ва мехоҳанд бо ӯ ҳамсуҳбат шаванд.

— Мутолиа ба дарки мақсадҳо ва бартарафсозии мушкилоти зиндагӣ кумак мерасонад.

Инсон ҳар қадар бештар китоб хонад, роҳи ҳаётро бо он андоза дуруст интихоб менамояд. Шиносоӣ бо қаҳрамонони гуногунтақдир ба бартарафсозии мушкилоти зиндагӣ кумак мерасонад.

— Мутолиа хотираро пурзӯр гардонда, қобилияти фикрроториро беҳтар месозад.

Китобхон ҳар боре, ки китобро ба даст гирад, майнаи сари ӯ фаъолтар мегардад. Зеро майнаи сар барои ҳифзи маълумотҳо нахҳои навро меофарад. Бар асари сермутолиагӣ доираи дониши инсон васеъ гардида, аз ҳама соҳаҳо то ҷое бохабар мешавад.

— Аз мутолиа захираи луғат ғанӣ мегардад.

Ҳангоми мутолиа калимаҳои ношинос вомехӯранд. Маънои онҳоро аз ҷумлаҳо метавон дарк намуд. Дар натиҷаи мутолиа дар хонанда маданияти нутқ низ ташаккул меёбад.

— Мутолиа қобилияти нависандагии шахсро такмил мебахшад.

Дар ҷараёни мутолиа тарзи навишти муаллиф ба китобхон таъсир мерасонад ва ӯ низ дар ифодаи ақидаҳои хаттиву даҳонии худ бевосита аз услуби нависанда истифода мебарад.

— Мутолиаи якҷоя муносибати волидон ва фарзандонро беҳтар мегардонад.

Бино ба маълумоти равоншиносон нисбат ба дигар мулоқотҳо, масалан телевизорбинӣ китобхонии якҷоя ба муносибати волидону фарзандон бештар таъсири мусбат мерасонад.

— Мутолиа мушкилии молиявиро низ бартараф месозад.

Бино ба маълумотҳои статистикӣ 43 фоизи шахсоне, ки тамоман китоб намехонанд, дар қашшоқӣ умр ба сар мебаранд. Дар байни шахсони босавод бошад, ин нишондиҳанда 4 фоиз будааст.

Агар даромади шахси донишманд бо сабабҳои гуногун қатъ гардад, ӯ метавонад барои худ бо осонӣ манбаи дигари даромадро ёбад. Чунин одамон дар ҳар ҷо, ки фаъолият намоянд — хоҳ дар корхонае ба сифати ходим, хоҳ муассисаи таълимӣ кори илмие оғоз намоянд, ҳамаашро метавонанд бомуваффақият анҷом диҳанд. Яъне имкониятҳои шахси бамаърифат нисбати одамони бесавод бештар аст.

— Бачаҳои китобдӯст фанҳоро хубтар азхуд менамоянд.

Бачае, ки мутолиаи китоби бадеиро дӯст медорад, аз ҳамаи фанҳо «аъло»-хони мактаб мегардад. Ӯ натанҳо грамматика, балки математикаро низ хуб азбар менамояд.

— Мутолиа ба накӯкорӣ даъват месозад.

Мутолиа моро водор месозад, ки кумакрасони муҳитҷӯҳ бошем.

Дар натиҷаи мутолиаи китоби хуб дар шахс меҳрубонӣ, таҳаммулпазирӣ, далерӣ, саховатмандӣ ва дигар фазилатҳои инсонӣ ташаккул меёбад, ки мо чунин шахсро бо як ибора инсони комил меномем.

Тарҷумаи
Набия НОДИРОВА.

«ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ВА ТЕРРОРИЗМ – ТАҲДИД БА ТАРАҚҚИЁТИ ҶАМЪИЯТ»

Дар техникуми агротехнологияҳои Ғиждувон таҳти ҳамин унвон тадбири тарғиботӣ ба амал омад. Дар он раисон, фаъолони занону духтарон, роҳбалади ҷавонони ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои «Сармиҷон», «Чағдаре», «Ҷовгаре», «Лабируд», «Кӯшк», инчунин нафароне, ки шомили рӯихати муҳтоҷи дастгирии иҷтимоӣ гаштаанд, талабагони мактаб ва падару модарони онҳо иштирок карданд.

Ба тадбир ҷонишини ҳокими вилоят Э. Маҷидов ибтидо гузошт. Вай аз ҷумла, дар бораи ислоҳоти маърифати диние, ки дар мамлакати мо амалӣ мегарданд, таваккуф намуд, инчунин муқаддас доштани арзишҳои миллию диниамон, ки таърихи чандинасра доранд, зарур будани омӯхтани мероси гаронбаҳои аҷдоди бузургамон, ки баҳри рушди илму фарҳанги олам саҳми арзанда гузоштаанд, дар ҳамин асос тарбия намудани ҷавонон яке аз омилҳои муҳимтарини пойдории муҳити иҷтимоию маънавии ҷамъият будани онро таъкид намуд.

Дар тадбир намояндагони дин бобати вазифаҳои устуворе, ки баҳри пойдории муҳити иҷтимоию маънавии маҳаллаҳо заруранд, мақсадҳои ғоявии ҷараёнҳои динию экстремистӣ, таъсири манфии онҳо ба рушду осоиштагии диёр, мувофиқи талаби қонунҳои дар амалбуда ҷавобгар будани падару модарон барои гирифтани таълими динӣ фарзандони ноболиғи худро ба хориҷа фиристоданашон, ҳифзи аҳолӣ хусусан, ҷавонон аз таъсири ҳар гуна ғояҳои вайронкор ва ҷараёнҳои зарарнок, пешгирӣ намудани радикализм фикру ақидаҳои худро баён карданд. Мутахассисони соҳа ба ҷамъомадагон дар бораи роҳи ягона будани мубориза зидди ҷаҳолат – маърифат ҳарф заданд. Дар охир ба ҳозирон видеофилмҳои «Қадри осоиштагӣ» ва «Манзили иқрор» намоиш дода шуд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

Дар шаҳри Қаршии вилояти Қашқадарё озмуни омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти ўзбеки мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии қаламрав таҳти унвони «Бузургу муқаддасӣ, забони модарӣ!» ҷамъбаст гардид.

ОЗМУНИ ВИЛОЯТӢ ҶАМЪБАСТ ГАРДИД

Гуфта мешавад, ин сабқат барои бузургдошти забони давлатӣ аз ҷониби ҳокимияти вилояти Қашқадарё ва бахши минтақавии Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ роҳандозӣ шуда буд. Дар давраи ниҳоии озмун аз ҳар ноҳияву шаҳрҳои вилояти Қашқадарё сенафарӣ ғолибон ширкат варзида, дар зинаи олии озмун вориди қувваозмоӣ гаштанд. Онҳо аз рӯи шартҳои «Диктант», «Фикри ман» ва «Ба ўзбекӣ гӯед» донишу истеъдоди худро санҷиданд. Шартҳои озмун аз ҷониби доворони босалоҳият дар асоси сохтори 50 холӣ баҳогузорӣ гашт. Аз байни зиёда аз 60 нафар муаллим се нафар беҳтарин омӯзгор ғолиби сабқати «Бузургу муқаддасӣ, забони модарӣ!» гаштанд.

Мақоми аввал насиби омӯзгори мактаби рақами 95-уми ноҳияи Қамашӣ Насиба Иброҳимова шуд. Ҷойи дуюмро омӯзгори мактаби рақами 9-и ноҳияи Миришкор ва зинаи сеюми сабқатро омӯзгори мактаби рақами 44-и ноҳияи Ғузор забт намуданд.

Ба ғолибон ва иштирокдорони озмун тухфаҳои хотиравӣ супорида шуданд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Қашқадарё.

Ба муносибати 120-солагии Комил Ёрматов

КОМИЛ ЁРМАТОВ – ЧЕҲРАИ МОНДАГОРИ ҲУНАРИ СИНАМО

Фаъолияти эҷодии Ёрматов дар санъати кино аз охирҳои соли 1926 дар киностудияи «Ўзбекгоскино» («Ўзбекфилм») оғоз ёфтааст. Дар якчанд филми ўзбекӣ дар вазифаҳои мудир ва ёрдамчии коргардон кор кардааст. Ў дар ин муассиса ҳамчун ҳунарпешаи кино нақшҳои лаҳзавӣ: афсари душман – «Шаҳолҳои Равот» (1927) ва асосӣ: Умар – «Аз зери гумбазҳои масҷид» (1927); Ботур – «Беки охирин» (1930) ва дар филми «Меҳмон аз Макка»-и истеҳсоли киностудияи «Одесса» (1930) нақши шоҳзодаро бо маҳорати баланд бозидааст. Солҳои 1928-1931 аввал дар факултаи актёрӣ, сипас дар риштаи коргардонии Донишкадаи давлатии умумииттифоқии кинематографияи Маскав таҳсил мекунад ва баъди хатми он ба киностудияи «Тоҷиккино» меояд. Аз бунёдгузорони синамои миллии Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар таъсису пешрафти синамои тоҷику ўзбек саҳми бориз дорад. Оғози таърихи кинои тоҷик бо фаъолияти Комил Ёрматов сахт алоқаманд аст. Ў нахустин коргардони кинои миллии тоҷик маҳсуб мешавад. «Ҳуқуқи бошараф» ё «Дур аз сарҳад» (1932) аввалин филми дар жанри ташвиқотию тарғиботӣ таҳиякардааш дар «Тоҷиккино» мебошад. Филми дигараш «Муҳоҷир» ном дорад, ки барҷастатарин филми бадеии беовози тоҷик дониста мешавад ва қаҳрамони асосӣ, ки Комил ном дорад, худи Комил Ёрматов ва завҷаи қаҳрамон – нақши асосии занонаро – аввалин ҳунарпешаи кинои тоҷик София Тўйбоева иҷро кардаанд. Ин филм ҳикоятест оид ба бунёди колхоз, муборизаи беамон бо душманони синфӣ ва тақдири инсон дар ҷамъияти шўравӣ. Нахустин филми ҳуҷҷатӣ-бадеии тоҷик «Ҳуқуқи фахрӣ»-ро соли 1932 вай ба навор гирифта буд ва ин филм барои офаридани филмҳои бадеии миллӣ замина гузошт. Филми «Дўстон аз нав вомехўранд»-и Комил Ёрматов (1939) кинои тоҷикро машҳуру маълум кард. Дар ин филм мавзўи муборизаи бо хиёнаткориҳои ҷосусони хориҷӣ ва садоқат ба зиндагии сотсиалистӣ матраҳ шудааст. Таҷрибаи зиндагии гузашта ва истеъдоди зиндагифаҳмии Ёрматов дар филмҳои мазкур аносири пурқуввати воқеъногориро ба вуҷуд овардаанд. Дар рўзҳои омодагӣ ба баргузории Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар шаҳри Маскав Ёрматовро роҳбари бадеӣ таъйин карданд. Дар ин робита ў ба Помир ва дигар навоҳии ҷумҳурӣ сафар карда, ансамблҳои фолклорӣ ташкил намуд. Ба ибораи дигар баъди хатми Донишгоҳи синамо ў чанд филми хуберо дар Тоҷикистон таҳия кард, ки аз ҷониби давлатмардони он замон Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев ва Комиссари Халқии Нақлиётӣ Вагаршак Карамов дар таҳияи филми аввали ў мустақиман ширкату пуштибонӣ доштанд. Баъди барканории ин сиёсатмадорон батадриҷ муносибат ба ин ҳунарманд иваз шуд. Соли 1940 барои Даҳаи адабиёту ҳунари Тоҷикистон дар Маскав барномаи консертие таҳия ва филмбардорӣ шуд, ки коргардони он Ёрматов буд. Баъди қабули барнома раиси Шўрои комиссариатҳои халқии Тоҷикистон муғризона санади сафари Ёрматов ба Маскавро имзо накард. Ин зарбаи сахте буд ба нафаре, ки тамоми барномаро таҳия намуда буд. Комил ба кумитаи синамо ба Маскав номае навишт ва баъди он ўро директор ва ҳамзамон роҳбари ба-



деии киностудияи Тошканд таъин намуда, ба Ўзбекистон фиристоданд. Чун Ёрматов ягона нафари ҳирфаии ин бахш буд, баъди рафтани ў дигар коргардони касбии филмҳои ҳунарӣ набуд ва студияи Сталинобод баста шуду танҳо бахши мустанадаш боқӣ монд. Ин вазъ то соли 1956 идома дошт. Фаъолияти минбаъдаи эҷодии Комил Ёрматов аз соли 1941 дар киностудияи «Ўзбекфилм» сурат гирифт. Номбурда ба муваффақиятҳои эҷодӣ ноил гашт. Дар таърихи синамои советӣ ва бахусус синамои Осиёи Марказӣ Ёрматов ҳамчун устоди жанри таъриху ҳолномасозии ашхоси барҷаста маъруф аст. Комил Ёрматов дар солҳои Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ филм-консертҳои «Ба рафиқони фронтӣ» (1942) ва «Туҳфаи Ватан»-ро (1943) офарид. Баъди ҷанг филмҳои «Алишер Навоӣ» (1947) ва «Абуалӣ ибни Сино»-ро (1956) ба навор гирифта, симою тақдири ин мутафаккирони бузургро иҳтиҳоҳ кард. Филмҳои «Роҳи бедорхобӣ» (1946), «Харитаи Ўзбекистон» (1949), «Ўзбекистон» (1950), «Вақте ки гулҳо мешукуфтанд» (1959)-и ў аз мавзўву мушкилоти мухталифи рўзгору зиндагии мардумони ҷомеаи муосир ҳикоят мекунанд. Ёрматов таҳиягари филми афсонавии «Пахтаой» (1952) барои бачагон аст. Асари сегонаи таъриҳии ў «Тўфон дар Осиё» (1964), «Саворагони инқилоб» (1968) ва «Ҳалокати консули сиёҳ» (1970) иҳтиҳоҳ барҷастаи мавзўи инқилоб ва ҷанги шаҳрвандӣ дар кинои шўравӣ мебошад.

Ёдовар мешавем, ки филми «Тўфон дар Осиё» дар соли 1967 ба гирифтани Мукофоти давлатии Ўзбекистон ба номи Ҳамза шарафёб гардида буд. Ёрматов аз рўи достони Абдулқодири Бедил «Комде ва Мадан» филми «Достони ду дил»-ро (1966) офарид, ки соли 1968 барандаи ҷоизаи «Апсораи тилло»-и кинофестивали байналмилалии Пномпени Камбоҷа гардид. Ҳамчунин соли 1973 филми «Дар байни мардум танҳо» ё «Нодирабегим»-ро таҳия намудааст, ки дар бораи кору рўзгору эҷодиёти шоири тоҷик Нодира суҳбат мекунад. Охирин филми офаридаи Ёрматов «Солҳои дури наздик» мебошад, ки барандаи ҷоизаи махсуси кинофестивали Рига (1976) аст ва воқеаҳои солҳои барқарорсозии Ҳокимияти Шўравӣ ва инқилоб дар Тоҷикистонро иҳтиҳоҳ менамояд. Лозим ба ёдоварист, ки Комил Ёрматов барои мустаҳкам гаштани робитаҳои эҷодии кинематографистони Тоҷикистону Ўзбекистон хидмати босазое кардааст. Дар филмҳое, ки ў дар «Ўзбекфилм» ба навор гирифтааст, адибон ва актёрони тоҷик иштироки фаъолона доштанд: Сотим Улуғзода (муаллифи филмнома якҷоя бо В. Виткович), М. Орифов (нақши Ибни Сино), М. Қосимов, А. Бурҳонов ва Туҳфа Фозилова дар филми «Абўалӣ ибни Сино», С. Азаматова ва М. Тоҳирӣ дар филми «Вақте ки гулҳо мешукуфтанд», Г. Завқибеков дар филми «Тўфон дар Осиё», Сайрам Исоева нақши асосӣ дар филми «Нодирабегим» («Танҳоӣ дар байни мардум»).

Соли 1992 ҳамсар ва писари коргардон (Татяна Дмитриевна ва Алишер Ёрматов) Фонди байналмилалии хайриявӣ ва фарҳангиро ба номи Комил Ёрматов таъсис доданд. Фонд мероси устод Ёрматовро ҳифз намуда, ба ин восита эҷодиёти коргардонро тарғиб намуда, дар рушду пешрафти ҳунару фарҳанг саҳм мегирад. Ҳамчунин фонд кўдакону наврасони боистеъдодро дастгирии молиявӣ мекунад ва анъанаи неки коргардони машҳурро, ки замони фаъолияти ятимону бепарастонро дастгирӣ менамуд, идома мебахшад. Ин ҳадафи аслӣ ва калидӣ дар зиндагии коргардони бузург буд.

Агар ба ҳавзаи синамо ва филмофарии ватанӣ таваҷҷуҳ кунем, ба хубӣ дармеёбем, ки филмномаҳои устод Комил Ёрматов, ки дар асоси воқеиятҳои зиндагӣ рўйи кор омадаанд, то имрўз тамошобини худро аз даст надодаанд. Ин гуна филмҳо, чи аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ва матн, чи аз назари бандубаст ва режиссура дар сатҳи баланди ҳунарӣ ва эҷодӣ рўйи кор омадаанд. Ҳар қадар замон мегузарад, филмҳои мазкур ҷаззобтар, заруртар ва муҳимтар ба назар мерасанд. Одатан, бисёр филмҳо бо як маротиба тамошо кардан ҷаззобияти худро аз даст медиҳанд ва аллакай тамошобин дигар ҳавас ва ҳавсалаи тамошои онҳоро надорад. Аммо филмҳои Ёрматов имрўз низ дархўри талаботи замонанд ва тамошобини асил тавассути тамошои чандинкаратаи онҳо маънӣ ва мазмуни нав пайдо мекунад ва бинишашро тавсеа мебахшад.

Нодир НУРОВ.

Касе, ки ба деҳаи Шоҳимардон рафтааст, мафтуни он мегардад. Кўҳҳои баланд, табиати зебо, рўҳонаҳои шаффофу зиёратгоҳҳои мубораки вай рўҳатонро менавозанд. Аҳолии ин ҷо самимӣ ва меҳмондўстанд. Дар ин деҳаи қадимие, ки ҳоли ҳозир ба мавзеи азизи Фарғона табдил ёфтааст, ба инкишоф додани сайёҳӣ эътибори зиёд дода мешавад.

Солҳои охир дар деҳоти Шоҳимардон ва Ёрдон кўчаҳо асфалтпўш шуданд, шабакаҳои оби тозаи ошомиданӣ ба кор даромаданд. Хатти зудамали интернет амал мекунад, барои беҳтар ва васеътар намудани сифати барномаҳои телевизион ва радио таҷҳизоти замонавӣ устувор карда шуданд. Ғайр аз ин боз бисёр мушкилоти мавҷуда зина ба зина ҳаллу фасл мегарданд. Аҳли деҳот аз ин дигаргуниҳои мусбат шоду мамнун будани худро изҳор дошта, ба роҳбари давлат барои эътибор ба ҳудудҳои дурдаст изҳори миннатдорӣ менамоянд.

Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).

Юнуси ИМОМНАЗАР

ҲАСРАТ

(Қиссаи тамсилӣ)

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Ба ду самт сахт калавид, вале боз ҳам сари ҷо истод. Чун дид Шуҷоъ аз роҳ баргашта дубора ба сўяш ҳамла меоварад, ҳамоно худро ба канор кашид ва гардани баландашро ба боло бардошта, дуруст аз васати гўши асп газид. Шуҷоъ ин дафъа нарасид ба вай линг партояд, бо тамоми ҷон саракашро алвонҷ дода, саъй кард гўши асирашро аз зери дандонҳои хар, ки мисли анбур гоз мегирифт, раҳо созад. Ҷони асп ба дард омад. Аз даври лабу лунҷи Хокбоз бошад, беист хун мечакид, аммо намехост гўши самандро сар диҳад. Дар ҳоле ки қабат-қабати якдигар ба пеш мехазиданд, Шабнам ба пас гашт ва йўрғазанон ба имдоди асп шитофт. Вай бо ҳавли ҷон, ҳамаро дар шигифт андохта, бо дав омаду ду пой ба рўйи сурини хар гузошт ва сумҳои шахшўли худро халонда, ҳарчи ҷон дошт, ба тани гўшдароз фишор овард. Хокбоз дар пушт дарди ҷонкоҳеро ҳис карду ноилоҷ даст аз асп бардошт, даҳонашро боз карду гўши хуншори Шуҷоъро ба ҳоли худ гузошт. Шуҷоъ каме пештар гузашт, аз ниҳояти дарди ҷонсўз сар ҳам карда каме таваққуф намуд, вале зуд ба худ омад ва бо ҷаҳд дубора ба ақиб баргашт. Дигар вайро шинохтан амри муҳол буд, аз фарти ҷаҳлу ғазаб ба хашм омада, чашмонаш хунину дандонҳои калон-калони сапедаш гўё дар беруни пўза менамуданд.

Бо ҳамон ошуфтагӣ шиҳаи баланде сар дод ва ду пойи пешашро ба осмон бардошта, то ҷое, ки ҷон дар рамақ дошт, бо поҳои ҷуфтшуда ба сари Хокбоз фуровард. Хари гирифтор, ки бе он ҳам дар зери тазйиқи Шабнам монда буд, дигар билкул мувозанатро гум кард, ҳар чӣ дар олами рўшноӣ буд, чун ғилдиракҳои ароба дар даври чашмонаш чарх мезад, ҷуз шабаҳҳои сиёҳӣ дигар чизеро намедид. Ин зарбаи муҳликовар буд, ки батамом худро гум кард ва бо ҳамин ҳолати залил ҷуссаи шикамдори гарданбаландаш ба таҳи ҷар сарозер рафт. Харҳои пасу пеш, ки то чанде пеш даҳони бефаровези худро ба осмон бардошта, шикамҳояшонро дошта шодмонӣ мекарданд, гўё, ки аз осмон ба сарҳояшон санг борида бошад, беовозу дар худ гирифта ба ҳар гўша паноҳ бурданд. Танҳо хару аспони бордор роҳи худро ба самти коргоҳи пулсозӣ идома доданд, намехостанд аз ин бештар дар зери бори сангин маҷақ шаванд...

***

Аз гурўҳи ошўбгар ду аспи неруманд бо исмҳои Уқоб ва Баҳром барои назорати гузарҳои Якрону Раҳвор гумошта шуданд. Онҳо саҳарии барвақт, бо дилҳои беқарору оғуштаи боди исён ва қасосхоҳӣ ба маҳалли корзори нав давида омаданд.

Дар канори рўди камарзи Хурўшон, ки аз марзи гузарҳои Якрону Раҳвор гузашта обашро ба рўди Зарнисор мерехт, бо дастури Рахш ба бунёд кардани тавилаи бузурге оғоз намуда буданд. Инро махсус барои харони тозаомада месохтанд. Корҳои сохтусози ин хархонаро Шабдез сарпарастӣ мекард. Аз ин рў, вай гузари Симгунро гузошта, бо Пашмина дар қисмати болооби Хурўшон дар тавилаи хушсохти муҷазе маскун шуд. Кори ба уҳда гирифтаи вай аз тарҳи пулсозӣ камтар набуд. Дар ин ҷо ҳам мебоист неруи калони кориро ба истифода бигиранд. Аз ин хотир, барои роҳандозӣ ва назорати корҳо ба ёрии Пашминааш, ҳарчанд ҳомила буд, хеле ниёз дошт. Мехост бо дасти худи харҳо тавилаи навро сохта гирад.

Шуҷоъ аз ишқи Шабдез огоҳ буд ва ба хубӣ медонист, ки маъшуқаи вай Пашмина бо вуҷуди табиати мулоимаш, хеле зарангу найрангбоз аст. Аз ин рў, ба ҳамтоёни худ таъкид кард, то ки ба хурдтарин рухдоду доду гирифту рафту омадҳо таваҷҷуҳ намоянд. Уқоб ва Баҳром, ҳамон тавре ки гумон мебурданд, баробари наздик шудан ба маҳалли сохтусоз, аспони боркашро диданд. Дар канори аспони солманд тойҳои ду-сесола низ по чида-по чида каҷоваҳои пури санг ва лингаҳои чўбу найро мебурданд. Тааҷҷубовар он буд, ки чандин хар дар атроф ва дар марғзори соҳилҳои Хурўшон ба майли хотир гаштугузор мекарданд. Ин манзараи хунук ҳар дуро ба фиғон овард. Бо ғазаби рўйрост қулоч кашида ба самти харони озод давиданд. Аз ду ҷиҳат, ҳар чи маркаби бесар буд, ба як ҷо ҷамъ оварда, бо шиҳакашиҳои баланд ва сару позаниҳои бераҳмона онҳоро ронда то назди анбори боргузорӣ бурданд. Давутози харону ду аспи таъқибкунанда ба дараҷае сахт буд, ки гирду бар батамом оғуштаи гарду хок шуд, бўзинаҳое, ки омодаи боргирии сутурон меистоданд, аз ниҳояти боди шадиди олуда сару суратҳояшонро баста, дар ҷойҳои худ нишаста монданд. Баробари расидан ба назди онҳо, Уқоб дод зад:

– Барои чӣ танҳо аспон бор мекашанд?! Пас, ин ландаҳурҳо чӣ корааанд?!

Бўзинаҳо ҳанўз ҳарфе назада, аз миёни гўшдарозон як мочахари болобаланд пўзаашро афшонда, ар-ар садо баланд кард ва гуфт:

– Шумо чикораед, ки ба мо зўрӣ мекунед? Мақоматон аз Шабдези раҳбар ҳам болотар аст магар?

Уқоб тоқати шунидани ин эътирозро надошт. Бе истиҳола ёли худро афшонда, бо ҷаҳл ба болои хар чорхез зад. Лаҳзаи чашм кушода бастан нагузашту аз зарби линги ў мочахар бо он каворaи бузургаш ба замин яксон шуд ва дар паҳнои хокбод чанд бор ғел зада рафт. Харҳои дигар низ аз тарси шаллоқ хўрдан ба тарафи муқобил дуртар гурехтанд. Уқоб бо ин зарба қонеъ нашуда, бори дигар ҳар ду пойи пешашро ҷуфт карда, бо тамоми неру ба синаи хари ғелида фуровард. Мочахар чаҳор по дар осмон беист ларзида-ларзида по афшонд ва дигар ба худ наомада аз ҷунбиш монд. Саркоргари бўзинаҳои борзан бо дидани ҳоли низори он бо овози кам ба ҳамраҳони худ гуфт:

– Мурд.

– Ҳар харе саркашӣ кунад, ба ин ҳол гирифтор хоҳад шуд! – то омадани ҳамтои худ шердилона ба сухан даромад Баҳром ва ба ҷониби бўзинаҳо рў оварда афзуд: – Мо дигар набинем аспҳо кор кунанду харҳо кайфу сафо!

Ҳамон нафари саркоргар гуфт:

– Бубахшед, мо аз Худо мехоҳем, ки улоғҳоро ба боркашӣ андозем. Барои худамон ҳам боргузорӣ ба хар ду баробар осонтар аст! Афсўс, ки Шабдези оқсақол аз гапи Пашминаи дўстдоштааш намебарояд...

Баҳром гуфт:

– Шумоҳо як умр нони моро хўрдаед! Наход, ки имрўз ба рўямон по гузоштан мехоҳед? Пас, он ҳама рафоқат кўҷо шуд? Ба гўшдарозони дайдуи дирўзомада раҳматон омад.

(Давом дорад).

Ба муносибати 1050-солагии Абурайҳони Беруниӣ

БЕРУНӢ ВА ЭКОЛОГИЯ

Экология ҳамчун илм дар асри XIX зуҳур кард. Баъзе олимони табиатшинос Чарлз Дарвин (1809-1882), табиатшиноси бузурги англисро асосгузори илми экология медонанд ва асари ў «Пайдоиши намудҳо»-ро далели мустанади ин фикр мешуморанд. Дар ҳақиқат Ч. Дарвин назарияи эволютсионии ба вуҷуд омадани рустанӣ, ҳайвонот, умуман, намудҳои зиндаро дар табиат кор карда баромадааст, ҳарчанд мафҳуми «экология»-ро олим ва табиатшиноси немис Э. Геккел (1834-1919) ба илми табиатшиносӣ ворид карда буд. Номбурда дар асари худ «Асрори олам» таълимоти пантеистии файласуфи ҳоландӣ Б. Спинозаро (1632-1677) таҳвият медиҳад, ки тибқи он табиатро на Худо (дар фаҳмиши динии он) офаридааст, балки он худ аз худ, дар ҷараёни эволютсионии кулли мавҷудоти олам ба вуҷуд омад.

Дар замони мо экология ба илми нисбатан мустақил табдил ёфта, предмет, мавзўъ, таркиб, сохти мафоҳими худро дорад ва ба чандин дастоварди назариву амалӣ низ муваффақ шудааст. Алҳол бисёр олимони соҳаи илми экология ба он чунин таъриф медиҳанд: «Экология илмест, ки дар бораи алоқамандии мустақими табиат ва инсон баҳс менамояд».

Ҳарчанд ин таъриф бо вуҷуди баъзе нуқсонҳои назарӣ дар бисёр китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ васеъ истифода мешавад, дар оянда барои мукаммалтар кардани тавсифи экология ҳамчун асос кумаки калон расонда метавонад.

Аммо дар ин ҷо бояд гуфт, ки аз хидмат ва саҳми олимони бузурги Шарқи исломӣ, аз он ҷумла Хуросон ва Мовароуннаҳр, ки оид ба табиат ва муносибати ҷудонашавандаи одам бо он, табақабандии рустаниҳо ва ҳайвонот, ки бевосита ба экология дахл дошта, фикрҳои барои замони мо хеле ҷолиб гуфтаанд, ёдовар намешаванд. Мо таълимоти экологии Абубакри Розӣ (865-935) ва Абурайҳони Беруниро (973-1023) дар назар дорем, ки ҳанўз дар асрҳои IX-X пеш аз Дарвин ва дигар олимони табиатшиноси аврупоии асрҳои XV-XIV зикр шуда, то ҳол аҳамияти илмии худро гум накардаанд. Барои он, ки ин таъкид ҳавоӣ набошад, метавон навиштаҳои шарқшиноси рус В. Розен (1849-1908) дар бораи асари Беруниӣ «Ҳиндустон»-ро мисол овард: «Ин асар (яъне «Ҳиндустон» – **Ҳ.Қ.**) асарест, ки мислашро дар асрҳои гузаштаю миёнаи Шарқ ва Аврупо ёфтан душвор аст. Он дар рўҳияи интиқодии беғаразона эҷод шуда, аз мавҳумот, тасаввуроти динӣ, нажодӣ, қавмӣ куллан озод аст. Дар ин асар диди васеи оламу одам, табиат, тадқиқоти воқеан илмӣ, ба маънии пурраааш, ба назар мерасад».

Беруниӣ дар асари дигари худ «Қонуни Масъуд», ки аз ёздаҳ китоби бузургҳаҷм иборат аст, ғайр аз масъалаҳои кайҳоншиносӣ, ситорашиносӣ, сохти курраи Замин, мубоҳиса бо Батламиус (Птоломей) (ваф. с.168 милодӣ), бисёр масъалаҳои табиатшиносиро ҳам таҳлил мекунад. Тавре ки муаррих, сайёҳи машҳури асри миёнаи Шарқ Абдулло Ёқуб ал-Ҳамавӣ (1178-1229) – муаллифи китоби «Маҷмаъ ал-Булдон» менависад, Масъуд (писари Султон Маҳмуд) барои заҳмати бузурги Беруниӣ дар навишти ин асар ба ў баробари вазни шутур инъом доданӣ мешавад, вале Беруниӣ онро намепазирад.

«Қонуни Масъуд» масъалаҳои экологиро ҳам дар бар мегирад. Дар он тавсифи намуди рустаниҳо ва ҳайвонот, ландшафти Ҳиндустон, ҳамбастагии зичи одам, табиат ва коинот ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Табиат тибқи таълимоти Беруниӣ як воқеияти ҳастӣ буда, бо моҳият ва зуҳурҳояш абадист, вале бо мурури замон ба тағйирот дучор мегардад. Метавон гуфт, ки «Ҳиндустон» аз лиҳози арзиши илмии худ нисбати экология бо асари Чарлз Дарвин «Пайдоиши намудҳо» дар як радиф меистад, агарчи фосилаи таъриҳии байни ин ду асар хеле тўлонист. Диди олам ва одам, таҳлили амиқи илмии масъалаҳои экологӣ дар ин асарҳо як хел аст.

Аз лиҳози экология асари дигари Беруниӣ «Сангҳои қиматбаҳо», ки онро олимони муосир «Минералогия» ном мебаранд, арзиши баланди илмӣ дорад. Дар он Беруниӣ на танҳо тақрибан 50 намуди сангҳои қиматбаҳо, ба мисли лаъли бадахшон, фирўза, яшма, зумрад, ёқут, марворид, ақиқ, алмос ва ғайраро аз ҷиҳати ранг, вазн, сохт, шаклу намуд, мустаҳкамӣ таҳлил мекунад, балки ба онҳо аз назари эстетикӣ ҳам баҳо медиҳад. Бесабаб нест, ки олимон «Минералогия»-ро суруд дар



васфи сангҳои қиматбаҳо номидаанд. Ҷолибияти «Минералогия» дар он аст, ки Беруниӣ тавсифи сангҳои қиматбаҳоро бо ҳикоятҳои пандомез, шеърҳои шоирони намоёни олами ислом зинат медиҳад. Дар ин ҷо лозим медонем чун намуна ҳикоятеро оварем.

«Марде гунҷишкеро дастгир мекунад. Гунҷишк аз ў мепурсад: «Аз ман чӣ мехоҳӣ?» Мард мегўяд: «Туро мекушам ва гўштатро бирён карда мехўрам!» Гунҷишк дар ҷавоб: «Аз гўштам сер намешавӣ, зеро гўштам як луқма ҳам намешавад. Вале агар маро раҳо кунӣ, се насиҳат мешунавӣ, ки дар зиндагӣ ба ту дастур мешаваад». Мард розӣ мешавад. Гунҷишк мегўяд: «Аввало, боре ҳам барои чизи аздастдода афсўс махур, дувум, аз паси чизе, ки медонӣ, дарёфта наметавонӣ, магард, сеюм, ба он чизе, ки мавҷуд нест, бовар макун!»

Мард ба андешаи «Ин пандҳо барои ман аз як луқмаи гўшти ў беҳтар», – гунҷишкро раҳо кард. Гунҷишк париду дар муқобили девори хонааш нишаста гуфт: «Агар ту мақсади худро амалӣ карда гўшти маро мехурдӣ, аз шикамам баробари як тухми кабўтар марворид меёфтӣ». Мард аз он ки гунҷишкро раҳо кард, афсўс хўрда, хост бори дуюм онро ба даст дароварад. Бинобар ин гуфт: «Эй гунҷишк, ба наздам баргард. Ман бароят донаҳои тозашудаи кунҷид ва оби тоза медиҳам». Гунҷишк дар ҷавоб гуфт: «Эй одам! Ту маро накушта, гўшти маро бирён карда нахўрдӣ ва панду насиҳати маро гўш накардӣ, акнун ту афсўс мехурӣ, ки маро аз даст додӣ ва мехоҳӣ маро аз сари нав ба даст оварӣ. Аммо ту маро дигар ба даст оварда наметавонӣ. Охир ман худ баробари як тухми кабўтарам. Чӣ гуна меъдаи ман метавонад дар худ баробари ҷисмам марворид ҷойгир кунад»! Гунҷишк инро гуфт ва бо он мард хайрухуш карда, парида рафт»...

Диққати Беруниро масъалаи Замин, пайдоиши он низ аз назари экологӣ ба худ ҷалб карда буд. Ба қавли ў, дар сайёраи Замин дар даврахои гуногун мусибатҳое чун заминҷунбӣ, тўфон, хушксолӣ, сўхтор, обхезӣ, сел ва ғайра ба вуқўъ омадаанд. Баъди чунин воқеаҳои даҳшатангез дар рўйи Замин рустанӣ, дарё, кўл, кўҳ ба вуҷуд омада, ландшафти заминро тағйир додаанд. Дигаргуниҳои сохти Замин дар мабнои қавонини табиат ба вуқўъ меоянд. Ин фаҳмиш асосии ҷаҳонбинии экологии Беруниро ташкил медиҳад. Ба андешаи Беруниӣ ҳифзи сарватҳои табиат: об, дарё, кўҳ, рустанӣ, ҳайвонот, ҳатто қавмҳои гуногуни башарӣ бояд дар мадди аввали фаъолияти ҳарўзаи инсон бошанд.

Умуман, Беруниро метавон асосгузори қисматҳои экология, ба мисли геоэкология, экологияи глобалӣ, экологияи растанӣ ва ҳайвонот номид. Нисбати дониши экологии Беруниӣ суханони С. П.Толстов (1907-1976) – археолог, муаррихи Хоразми бостониро овардан ҷоиз аст: «Андешаҳои беназири Беруниӣ аз лиҳози амиқии илмӣ рочеъ ба навъи рустаниҳо ва ҳайвонот то дараҷаи муайян аз кашфиёти Дарвин сабқат бурдаанд. Таълимоти ў дар бораи пастии Ҳиндустони шимолӣ ва Турон, дар маҷмўъ, аз назарияи Леонардо да Винчӣ (1452-1519) дар асосии маводҳои Ломбард пештаранд. Аммо мулоҳизаҳои ў нисбати Турон ва таъриҳи он, ба ақидаҳои Мушкетов ва палеографҳои муосир шабоҳат доранд».

Алҳол дар асри XXI равшан гардид, ки муносибати тарафайни инсон ва табиатро, тавре ки Беруниӣ таълим медод, бе «нури ақли солим» дарк кардан аз имкон берун ast. Инсоният дар муносибати худ ба табиат ва муҳити атроф бисёр ҳангом ба иштибоҳҳо роҳ дод, ки ин ба бўҳрони экологии ҷаҳонӣ оварда расонд, минбаъд набояд ба чунин хатоҳо роҳ дода шавад.

Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,
доктори улуми фалсафа,
профессор.

ДИГАР МЕҲМОН НЕСТЕМ...

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз ин рӯ мехостем барои равшан кардани ин робитаҳо ва масъалаҳои вобаста ба экологияи минтақа, аз ҷумла захираҳои обу энергетикаи Тоҷикистон, НБО-и Роғун, кӯли Сарез, мушкилоти ҷаҳоние, ки туфайли хушкшавии баҳри Арал ба миён омадаанд, корҳое, ки барои бартараф кардани ин мушкилот аз ҷониби Тоҷикистон амалӣ мешаванд, ҳамчунин оид ба мавзӯъҳои маънавиву маърифатӣ силсилаи мақолаву матолиб омода кунем. Баъд аз он ки ин пешниҳоди мо аз ҷониби вазоратҳои корҳои хориҷии ду давлат ва сафоратхона дастгирӣ ёфтанд, ба роҳ баромадем.

Ачибаш он буд, ки ҳадаҳа пас аз сарҳадро убур кардани мо – сармуҳаррири рӯзномаи «Ҳуррият» Абдурасул Ҷамъақулов, муовини сармуҳаррири шабакаи телевизионии «Маҳалла» Рӯзибой Қулдошев, Шоқаҳҳор Салимов ва камина боз сафири Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ба мо занг зада, аз чӣ гуна сурат гирифтани сафар пурсон шуд ва хоҳиш намуд, ки дар шаҳри Ӯротеппаи собиқ – Истаравшани кунунӣ каме таваққуф кунем...

«Ба Сарез, албатта меравед...»

Бо мошини мусофиркашон аз ағбаи бузургу ҳайбатовар, шояд бовар намекунед, воҳимаангез мегузаштему дар хаёлам боз кӯли Сарез ҷилвагар мешуд. Акаи Шоқаҳҳор, ки дар паҳлӯи ронанда менишаст, ӯро чандин бор водор кард, ки ақаллан дар гардишҳои хавфнок суръатро пасттар кунад. Вале ронандаи ҷавон, ки дар як даст телефон дошту бо дасти дигар фармони мошинро идора мекард, бо вуҷуди «хуб-хуб» гуфтан хаёли паст кардани суръатро надошт. Ҳамин тариқ шомгоҳон ба шаҳри Душанбе расидем...

Баъд аз ҷойгир шудан ба меҳмонхонаи муҳташам бо ходими масъули Вазорати захираҳои об ва энергетикаи Тоҷикистон Парвиз Яҳёев ва роҳбари сарраёсати робитаҳои байналхалқии Ширкати холдингии саҳҳомии «Барқи Тоҷик» Бахтиёр Сиддиқов дар сари як пиёла чой шинос гардидем. Онҳо изҳор доштанд, ки аз сафари мо зиёда мамнунанд, ҳамчунин бинобар вазъияти экологие, ки солҳои охир боиси ташвиши аҳолии минтақа, аҳли ҷомеа мегардад, ислоҳоти бузурге, ки дар мамлакат бобати бартараф сохтани мушкилоти обу энергетика татбиқ мешаванд, батафсил сухан гуфтанд.

Субҳи рӯзи дигар ҷониби НБО-и Норак, ки беш аз ним аср фаъолият дорад ва бояд таъкид кард, ки аз иншооти бузурги дунё ба шумор меравад, роҳ пеш гирифтем. Ин неругоҳ 300 метр баландӣ дошта, аз ҷиҳати тобовариаш ба зилзила ва мустаҳкамии худ дар китоби рекордҳои Гиннес ҷой гузидааст, дар ин бобат роҳбари он Фазлиддин Шоҳиддинов муфассал ҳикоя кард. Ҳоли ҳозир дар ин неругоҳи истеҳсоли барқ 750 нафар халқи маҳаллӣ кор мекунанд, ки ин рақам аз иншооти бузург будани он дарак медиҳад. Ҷиҳати ҳайратовар он аст, ки оби аз сарбанд ҷорӣ бағоят шаффоф ва тоза мебошад...

Мо дар байни суҳбат боз аз хусуси кӯли Сарез сухан кушодем. Ҳамсафарамон Рӯзибой Қулдошев низ мехост, ки фикру ақидаи мутахассисонро нисбати ин кӯли сеҳрнок донад. Ҳангоме ки аз саёҳати нотакрори шаҳр ва НБО-и Норак бо таассуроти хуб бармегаштем, яке аз мизбонон аз ин хусус сухан кушод. «Мо огоҳӣ дорем, бо роҳбарият дар ин бора гуфтугӯ кардем. Вале алҳол ҳаво хеле сард аст. Сарез дар Бадахшони Кӯҳӣ ҷойгир мебошад, бо мошин роҳи 8-10 соатааст. Бар замми он то ба кӯл расидан бояд роҳи 10-12 километраро пиёда тай кард. Ин роҳро бо аспу хар низ тай кардан осон нест. Ҷиҳати дигари мушкилӣ он мебошад, ки кӯл аз сатҳи баҳр дар 3250 метр баландӣ ҷойгир буда, норасоии оксиген мушоҳида мешавад ва дар он на ҳар кас тоқат карда метавонад...»

Ман дафъатан ба роҳбаладамон, тарҷумони хушсалиқа Шоқаҳҳор Салимов нигоҳ кардам. Вай бошад, ба мизбонҳо дида дӯхт. Дар байн сукунат ба миён омад. Пас аз фурсате Абдурасул Ҷамъақулови дурандеш чунин эзоҳ дод: «Саросема нашавед, дӯстон, насиб бошад, соли дигар дар тобистон ба сафар меборем ва то ба Сарез мерасем. Аз ҳама муҳимаш, сафар идома хоҳад кард».

Шомгоҳон баъзе маълумоти дафтари кисагии худро гаштаву баргашта мехонам: «Соати 23:15 дақиқаи 18 феврали соли 1911... Аҳолии деҳаи Усойи Бадахшони Кӯҳӣ дар хоби ширин. Дар натиҷаи заминҷунбии шадид кӯҳи баҳайбат, ки пеши рӯди Мурғобро мегирифт, парӯ шуд ва деҳа таҳи кӯҳ монд. Аз аҳолии деҳа танҳо як муйсафед ва ду нафар писарбача сиҳҳат монданд. 105 нафар инсон... Аз байн вақти зиёд нагузашта, дар натиҷаи кӯчиш ба Сарез ва боз се деҳаи дигар, ки дар соҳили дарё қарор доштанд, хавфу хатар таҳдид намуд. Аҳолӣ зуд ба ҷойҳои бехавф кӯчонда шуд. Ҳамин тариқ, тӯли чандин даҳсола дар ҳудуди бузург бо номи Сарез кӯли даҳшатангез пайдо гардид. Алҳол дарозии он 70, бараш 3,3 километр, амиқиаш, тасаввур кунед, 500 метрро ташкил медиҳад. Ҳаҷми кӯл бошад, аз 17 километри мукааб иборат аст!..»



Роғун афсона нест!

Бинобар манбаъҳо дар Тоҷикистон тақрибан 20 ҳазор дарё, чашма ва рӯдхона мавҷуданд.

Дарозии онҳо ба садҳо километр мерасад. Кишваре, ки аз ҷиҳати ҳудуд дар мақоми 85-ум ҷойгир аст, бинобар захираҳои энергияи электр дар ҷойи 8-ум қарор дорад, ки бешубҳа, хурсандиовар мебошад. Ба ин маънӣ дар НБО-и Роғун, ки ҳоли ҳозир танҳо ду дастгоҳи он бо иқтидори пурра кор мекунад, дидаҳоямон аз шунидаҳоямон хеле тафриқа доштанд.

Медонистем, ки лоиҳаи як қисми аз тангнои кӯҳ ҷории дарёи ҳайбатовари Вахшро бастан ва дар ин ҷо бунёд намудани неругоҳе, ки метавонад бештар энергияи электр ҳосил кунад, ҳанӯз дар даврони Иттиҳоди собиқ тарҳрезӣ шуда буд. Вале сохтмони ин НБО-и бузург ба сабабҳои гуногун тӯли солҳои дароз мавқуф гузошта мешуд. Маълум буд, ки ин сарбанди муҳташам 335 метр баландӣ хоҳад дошт. Танҳо соли 2018-ум Роғун ба майдони сохтмони азим мубаддал гардид ва худи ҳамон сол дастгоҳи нахустин, соли 2019-ум бошад, дастгоҳи дуюм бо иқтидори пурра ба истеҳсоли нирӯйи барқ оғоз намуданд. 15-20 сол муқаддам бунёди НБО-и Роғун гӯё хатарнок буд ва агар ин сарбанд хароб гардад, селе даҳшатовари об барои аҳолии минтақаи ҳавзаи дарёи Ому хавфи азим эҷод мекард. Бинобар ин сохтмони сарбанди мазкур дар анҷуманҳои бонуфуз бои-си муҳокимаҳои ҷиддӣ мегардид, ки айни ҳақиқат аст. Вале бо мурури солҳо мувофиқи қарори тарафайни роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, бо иштироки ҷомеаи ҷаҳон, аз ҷумла коршиносони озоди доираҳои байналхалқӣ равшан гардид, ки лоиҳаи азими НБО-и Роғун барои минтақа хеле фоидабахш ва истиқболнок ҳам аст.

Роҳбари раёсати мониторинги муҳандисии ҷамъияти саҳҳомии НБО-и Роғун Нурулло Абдуллоев, ки як умр нони ҳалоли ин соҳаи пурмашаққатро мехурад, тавзеҳ дод, ки агар ҳамаи 6 дастгоҳи бузург пурра ба кор дароя д, ҳар кадоми онҳо дорои иқтидори истеҳсоли 600 мегаватт буда, метавонанд ҷамъулҷамъ 3600 мегаватт энергияи электр истеҳсол кунанд. Ин рақамҳо, албатта ба гуфтан осонанд. Бояд гуфт, ки алҳол дар «Роғун», ки ба майдони бузургтарини истеҳсоли неруи барқи ҷаҳон табдил ёфтааст, тақрибан 20 ҳазор коргар ва ходимон фидокорона кор мекунанд. Ҷиҳати сазовори эътибор он мебошад, ки дар ин ҷо мутахассисон аз Италия, Австрия, Олмон, ИМА, Чин, Русия ва бисёр давлатҳои пешқадами хориҷӣ низ машғули коранд.

Ҳисори кӯҳҳо, воқеан ба ҷабҳаи ҷасорат табдил ёфтааст. Гӯем бовар намекунед, нақбҳое, ки дохили ин сарбанд бунёд гардидаанд, роҳ буда, дар зарурат барои ҷорӣ кардани оби иловагӣ вазифаи рӯдро низ иҷро мекунанд. Роҳҳои зеризаминии то имрӯз бунёдшуда, анқариб 80 километрро ташкил медиҳанд, гуфт яке аз кормандони неругоҳ. Фикр кардем, ки муболиға мекунад. Вале чун яке аз мутахассисон низ ин рақамро тасдиқ намуд, қоил шудем...

Ба ҷойи хотима

Рӯзи дигари баъди ба Душанбе расидан дар шабакаи иҷтимоӣ таҳти сарлавҳаи «Ман журналист ҳастам, ба Тоҷикистон меҳмон нестам», хабарчаи хурде эълон карда будам. Баъзеҳо аз ин тааҷҷуб карданд. Тавзеҳ медиҳам. Худатон андеша кунед, ба кишваре, ки ҳамсояи ҷонист, бо мо бозораш, урфу одаташ якест, омадану тамошо кардан гапи дигар асту дидани корҳои ибратбахш ва баъзан ҳавасангез дигар. Ба ин маънӣ вазифадорам дар бораи баъзе корҳои хайре, ки дар ин давлати ҳамсояи аҳолияш даҳмиллионнафара амалӣ мегардад, каме таваққуф намоям.

Пеш аз ҳама, хурсандиовар аст, ки эълон ва навиштаҳои кӯчаву хиёбонҳо асосан ба забони давлатӣ мебошанд. Сониян, дар даргоҳҳои таълим барои писарону духтарон сарулибосҳои ягонаи мактабӣ ҷорист, дар онҳо тартиби дидуни телефон ворид шудан ба роҳ монда шудааст. Ин ба мо хеле писанд омад. Савум, барои гузарондани маросимҳои гуногун қонуни махсус қабул шуда, миқдори иштирокдорони онҳо низ қатъияна муайян гардидаанд, ки аз 150 нафар беш нест. Чаҳорум, ба дарсҳо бидуни мошин омадани донишҷӯёни мактабҳои олӣ қатъияна назорат карда мешавад... Чунин таҷрибаҳои намунавиро, аз давлатҳои хориҷи дур не, баръакс, балки аз ҳамсояҳои наздик омӯзем, бадие надорад, чӣ гуфтед?!

Хулоса, бо дӯстони худ хайрухуш накардем. То боздид гуфтем.

Норқобил ҶАЛИЛОВ,
Журналисти шоистаи Ӯзбекистон,
хабарнигори махсуси «XXI asr».

ТОШКАНД – ДУШАНБЕ – ТОШКАНД.

Ҳар бегоҳ дар деҳа овози савту суруд баланд шунида мешуд. Фикр мекардем, ки дар он ҷо тӯй ё ки ягон тадбири тантанавӣ баргузор мегардад. Агар чунин бошад, онҳо одатан як ё ду шаб давом мекарданд, лекин он савту садоҳо ҳар поси аввали шаб ба гӯш мерасиданд.

БАРОМАДҲОИ МАФТУНКУНАНДАИ ҲУНАРВАРОН

Ба саволи ҳайратафзои мо одамон ҷавоб доданд:

– Дорбозҳо ҳунарнамоӣ мекунанд.

Ана, аён шуд. Боз таачҷубовар буд, ки дорбозон дар торикӣ чӣ тарз тамошо нишон медиҳанд?

Аз борҳо шунидан диданро афзал шумурда, ба роҳ баромадем.

Дар торикии шом мошинҳо, гурӯҳ-гурӯҳ сокинон, алалхусус, ҷавонону бачагон дар роҳи васеъ таҳти он мусиқии роҳнамо ба он сӯи деҳа равона буданд. Онҳо гӯё кайҳо бозна чунин тамошою истироҳати маданиро мунтазир буданд...

Ҳайати дорбозону ҳунармандони маъруф бо номи «Дорбозони Косонсой» то ин вақт дар шаҳри Чуст, деҳаҳои ҳамсояи Каркидону Ғаво сафари ҳунарӣ карда, дар майдони фарохи деҳаи Варзик ба ҳунарнамоӣ пардохта буданд.

Ин даста нав нест, он таърихи дароз дорад. Дар ахди собиқ Иттифоқ ба он додарони паҳлавон Ҷӯрахоҷа Норхоҷаев ва Эргашхоҷа Дадахоҷаев (рӯҳашон шод бод!) асос гузошта буданд. Онҳо бо дорбозон дар тӯй, маросиму чорабиниҳои ватанамон ва кишварҳои бародарӣ ҳунарнамоӣ мекарданд.

– Бо ин, – ба дори омодакарда ишоракунон фаҳмонд яке аз ҳунармандони ҳозираи даста Наврӯз, – устодонамон Норхоҷаеву Дадахоҷаев, инчунин дорбозон дар шаҳри Маккаи Арабистони Саудӣ баромад кардаанд.

Бале, онҳоро номдору ҷаҳонгашта гуфтан мумкин аст.

– Барои чӣ рӯзона нею шабона ҳунарнамоӣ мекунед?

– Аз он сабаб, ки бегоҳ кормандон аз кор, ҷавонону бачагон аз хондан, хурдсолон аз боғча бармегарданд, – ба пурсиши мо ҷавоб гардонд Наврӯзи ҳунарвар.

Агар он замон даста танҳо дорбозию паҳлавонӣ карда бошад, минбаъд фаъолияту ҳунари устодонро фарзанду наберагон давом дода, баромадҳоро ҷаззоб гардонданд.

Ҳоло дорбоз Акрамхоҷа Дадахоҷаев, паҳлавон Ҷавлон Ғайбуллоев, оташу кордбоз Наврӯз, чашмбанд Ҷамшедхоҷа Дадахоҷаев, инчунин Шоҳрух Болтаеви паҳлавон бо ҳунарҳои худ хурду калонро мафтун мекунанд.

Дастаи «Дорбозони Косонсой», ғайр аз кишварамон, ба ҷумҳуриҳои ҳамҷавори Қирғизистон, Тоҷикистон ва Қазоқистон сафари ҳунарӣ карда, бо таассуроти нек баргаштааст.

Ш. МИРЗОЕВ.

Вилояти НАМАНГОН.

ВОҲӮРИИ СЕ АВЛОД

Дар ноҳияи Самарқанд беш аз се ҳазор нафар дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ адои вазифа мекунанд.

Бо ташаббуси иттиҳодияи нигаҳдории тандурустии ноҳияи Самарқанд ва шуъбаи ноҳиявии хазинаи дастгирии иҷтимоии фаъолияти собиқадорони «Нуронӣ»-и ҷумҳурӣ тадбири «Воҳӯрии се авлод» баргузор гардид.

Раиси шуъбаи ноҳиявии дастгирии фаъолияти иҷтимоии собиқадорони «Нуронӣ» Саид Мардонов таъкид намуд, ки бо сиёсати дурандешонаи сарвари давлатамон барои нигаҳдории тандурустӣ корҳои ибратбахшу лоиқи таҳсин амалӣ мегардад.

Дар ноҳия беш аз 3 ҳазор нафар посбонони саломатии мардум ҳастанд, ки дар байни онҳо собиқадорон низ ҳастанд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

ПАЗМОН

(Таронаҳо)

Аз ҳакиме пурсиданд:

– Тафовути ишқ аз муҳаббат чист?

Посух дод:

– Муҳаббат то хатми ҳавас аст. Ишқ то қатъи нафас.

***

Солҳо гузаштанд... Наомадӣ... Ба ёди дирӯз умрам гузашт. Фардоро намепазирам Имрӯзро дӯст медорам Чунки имрӯз паёме аз ту расид... Дарк кардам, ки ишқи мо то ҳол зиндааст...

***

Баъди чандин сол боз аз он гулгаште, ки мо изҳори муҳаббат доштем, гузар кардам. Ба ёдам расид, ки мани интизор то омадани ту баргҳои ин мачнунбедро як-як мекандам... Имрӯз фаҳмидам, ки он гоҳ баргҳои ишқи худро канда будаам...

***

Барф меборид... Барфи сапсафед. Замин пироҳани оҳорӣ дошт.

Аз осмон гӯё бӯсаҳои барфии ту мерехт. Ба дарахтони боғ нигоҳ афкандам...

Онҳо ҳам сап-сафед буданд, қаду қомати рӯйи туро мемонданд...

Тозон ба кӯча баромада, ба гирду атроф назар кардам... Рӯйи кӯрпаи барф нақши пойи ту набуд...

***

Эй ситораҳо! Шумо ғамшарики бехобиҳои ман будед. Чаро ҳоло камсуханед... Гӯед, ки аҳду паймони ёри бевафо чӣ шуд? Ба ӯ хабар диҳед, то ба маҳфили имшабаи маҳтоб биёяд, ман то ҳол интизорам...

Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.

«НИДОЕ АЗ СОҲИЛИ ҶАЙҲУН»

Чорабинии фарҳангие, ки дар шаҳри Тирмиз баргузор шуд, намояндагони аксар марказҳои миллии тоҷикони ҷумҳуриро аз гӯшаву канорҳои кишвар гирдиҳам овард.

Он «Нидое аз соҳили Ҷайҳун» ном дошта, бо ибтикори Маркази миллию фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон ва бахши сурхондарёвии вай рӯйи кор омад. Дар чорабинӣ аз вилоятҳои Бухоро, Намангон, Самарқанд, Қашқадарё ва шаҳру навоҳии Сурхондарё меҳмонони зиёд ширкат варзида, 945-солагии шоири шаҳири асрҳои XI-XII Адиб Собири Тирмизиро таҷлил намуданд. Ҷамъомад бо суханҳои муқаддимавии муовини раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон Насиба Зайниддинова ифтитоҳ ёфт. Мавсуф ёдовар шуд, ки дар Ӯзбекистон миллату қавмҳои зиёд умр ба сар мебаранд ва ҳукумат барои пешрафти онҳо тамоми шароитро фароҳам сохтааст. Аз ҷумла, тоҷикон чун мардуми бумии ин кишвар эъзоз мешаванд ва ба мероси гузаштагони онҳо арҷгузорӣ мегардад. Адиб Собири Тирмизӣ аз намояндагони барҷастаи адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад ва бузургдошти эҷодиёти ғаниву рангини ӯ аҳамияти бузург дорад.

Гуландом Субҳонова, раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон зимни суханронии худ гуфт, ки шаҳри Тирмиз аз қадим ватани шоирону фозилони номӣ будааст ва осори боқимондаи онҳо ба аҳли башар хидмати шоиста мекунад. Адиб Собири Тирмизӣ аз фарзандони фарзонаи ин қаламрав аст, ки ҷуз шоирӣ дар илми сиёсат низ даст доштааст. Аммо душманонаш бар қасди ҷонаш мешаванд ва билохира аз ҷониби Отсизи Хоразмшоҳ ба таври фоҷиавӣ кушта мешавад. Шоирро бо дасту пойи баста ба дарёи Ому ғарқ мекунанд. «Нидое аз соҳили Ҷайҳун» номгузорӣ гардидани ин нишасти фарҳангӣ рамзи хосе дорад ва нидои имдодҷӯйи шоири шаҳирро дар зеҳнҳо зинда месозад. Гуландом Субҳонова аз он изҳори қаноатмандӣ намуд, ки китобхонаи марказии шаҳри Тирмиз номи Адиб Собири Тирмизиро дорад ва ин боиси ифтихори кулли тоҷикон аст.

Маърӯзаи мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз, раиси Маркази миллии тоҷикони Сурхондарё Рамазон Абдуллоев дар мавзӯи «Тирмиз – маъвои хирадмандон» ҷолиб буд ва симои ин шоири машҳури тоҷикро ба аҳли нишаст муаррифӣ сохт. Ӯ таъкид кард, ки Адиб Собири Тирмизӣ аз чеҳраҳои намоён ва дурахшони адабиёти форсии тоҷикист. Истеъдоди ӯро дар зинаи баланд гузоштаанд. Масалан, Саид Нафисӣ гуфтааст: «Адиб Собири Тирмизӣ аз бузургони шуаро буда, пас аз Рӯдакиву Дақиқӣ ва Фаррухӣ ҳеч кас аз шуарои Туркистон муқаддамтар аз ӯ нест.» Абдуллоев ёдовар шуд, ки дар тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти гаронбаҳои шоир хидматҳои адабиётшиноси номии тоҷик, доктори улуми филологӣ, профессор Аҳмад Абдуллоев шоёни таҳсин аст. Ӯ Адиб Собири Тирмизиро аз нихонхонаҳои таърих берун кашидаву осори боарзиши ӯро аз нигоҳи интиқодӣ таҳқиқ намуда, девони ашъорашро дар Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ба нашр расонид ва номи шоирро вирди забонҳо сохт.

Дар чорабинии фарҳангӣ муовини мудири Китобхонаи марказии шаҳри Тирмиз Иродахон Шамсуллоева, иҷрокунандаи вазифаи раиси Маркази миллии тоҷикони ноҳияи Сариосиё Адҳам Сафаров, шоир, сармуҳаррири рӯзномаи «Гулобод тонги»-и ноҳияи Самарқанд Нормурод Каримзода ва муҳаррири маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» Асадулло Исмоилзода низ ба сухан баромаданд.

Донишҷӯёни бахши филологияи тоҷики факултети забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз аз ғазалиёти Адиб Собири Тирмизӣ қироат намуданд. Дастаи ҳунарии «Офтоби суғдиён»-и шаҳри Бухоро бо сурудҳои хубу ҷаззоб ба аҳли нишаст кайфияти аъло бахшид.

Дар интиҳо раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон Гуландом Субҳонова ва раиси шӯъбаи сурхондарёвии Иттифоқи касабаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдукарим Аҳмадов ба дастандаркорони ин чорабинии фарҳангӣ ва донишҷӯёни фаъол «Ифтихорнома» ва туҳфаҳои хотиравӣ супурданд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори
«Овози тоҷик»,
вилояти Сурхондарё.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1025.
Адади нашр 4538. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 04.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.